**ДАРГУЗАШТИ ОҚОХОНИ VI - РОҲБАРИ ИСМОИЛИЁНИ ҶАҲОН** с. 4

**БУНЁДИ 164 КОРХОНА ДАР СУҒД** с. 2

**ДАР ЗИНДОНИ ВАҲДАТ ЧӢ ГУЗАШТ?** с. 11





# ТОҶИКИСТОН

№6 (1620), 5.02.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якто аст! Оғози нашр соли 1992




# ЧОР ДИДОР БО ПРЕЗИДЕНТ






## ДАР ИН ШУМОРА:


**РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ**
ба раисони вилоятҳо чӣ дастур дод?
с.15

**КОНИБОДОМ**
Вазъ ором аст, вале мардум хавотиранд
с.3

**ПОЙТАХТ**
Моҷарои “Лексус” ва “Опел”
с.5

**МАСТЧОҲ**
Фарёди хамӯши ҳайкали Ленин
с.6

**НИГАРОНӢ**
Маводи мухаддири синтетикӣ миёни ҷавонон
с.11

**ДУШАНБЕ-РАШТ**
Парвози ҳавопаймо оғоз шуд
с.3

**КАНЗИ ШИФО**
7 роҳи мубориза бо зуком дар шароити хона
с.12

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иктисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад.*
*Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад.*
*Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84,**
**227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64,**
**221-41-11**



**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.


## АФЗОИШИ ВОРИДОТИ МАҲСУЛОТИ НАФТӢ БА ТОҶИКИСТОН

**Нархи фурӯши чаканаи сӯзишвории дизелӣ аз 9,4 то 11,6 сомонӣ ва бензини навъи АИ-92 аз 10,2 то 10,8 сомониро ташкил менамояд.**

Дар ин бора Сафаралӣ Қурбонзода, муовини аввали сардори Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дод.

Мувофиқи маълумоти гумрукӣ, дар моҳҳои январ-декабри соли 2024 ба ҷумҳурӣ 1 050,2 ҳазор тонна маҳсулоти нафтӣ ба маблағи 829,4 млн доллар ворид шудааст.

Сафаралӣ Қурбонзода зикр кард, ки ин нишондиҳанда дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 151,2 ҳазор тонна зиёд аст. Нархи миёнаи воридотии он нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2023-юм 48 доллар ё ба андозаи 6,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Иштирокчиёни бозори воридоти бензин 26, дизел 29 ва гази моеъ 16 субъектро ташкил медиҳанд.

## БАҚАЙДГИРИИ КОРХОНАҲО ОСОН ШУД

**Дар як соли охир додани иҷозатнома ба корхонаҳо афзоиш ёфт. Қисми умдаи иҷозатномаҳо аз 3 то 10 рӯз дода шудаанд, ки дар гузашта собиқа надоштааст.**

Муҳаммадвалишоҳ Махшулов, масъули маркази матбуоти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон гуфт, соли гузашта беш аз 90%-и корхонаҳое, ки ба вазорат муроҷиат кардаанд, дар камтарин муҳлат иҷозатномаи фаъолиятро ба даст овардаанд.

"Аз шумораи умумии иҷозатномаҳои додашуда 883 адад (90,1%) дар давоми 3 то 10 рӯз ба довталабон дастрас шуд. Тибқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" баррасии ариза ба муҳлати 30 рӯз пешбинӣ гардидааст",- гуфт Махшулов.

Тибқи иттилои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон, соли 2024 ин ниҳод ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ 980 адад иҷозатнома додааст, ки дар қиёс бо ҳамин давраи соли гузашта 208 адад бештар аст.



## БУНЁДИ 164 КОРХОНА ДАР СУҒД

**Соли гузашта дар вилояти Суғд 164 корхонаву коргоҳи нави саноатӣ таъсис ёфтанд. Қисми зиёди корхонаҳо дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Бобоҷон Ғафуров рост меоянд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ раиси вилоят Раҷаббой Аҳмадзода иттилоъ дод.

"Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ нисбат ба соли 2023 бо назардошти индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ 120,1 фоизро ташкил кард", - гуфт Раҷаббой Аҳмадзода.

Ба иттилои вай, корхонаҳои саноатии вилоят тавонистанд, ки дар ин давра беш аз 250 намуди маҳсулоти саноатиро истеҳсол кунанд, ки бештар маҳсулоти воридотивазкунанда аст.

Корхонаҳои саноатии вилоят дар ин давра меваҳои тару тоза ва афшураҳо,нахи пахта, маҳсулоти маъданӣ ва ғайра ба дигар давлатҳо содирот кардаанд.

## ОМОРИ НАФАҚИРОН МАЪЛУМ ШУД

**Дар Тоҷикистон ба ҳолати 1-уми январи соли 2025-ум 836 ҳазору 690 нафар нафақагир зиндагӣ мекунанд.**

Тавре директори Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи Тоҷикистон Абдураҳмон Ҳалимзод гуфт, шумораи умумии нафақагирони маъюб 167 ҳазору 108 нафар мебошад. Аз ҷумла, гурӯҳи якум - 17 965 нафар, гурӯҳи дуюм - 82 068 нафар, гурӯҳи сеюм - 33 041 нафар, маъюбони аз овони кӯдакӣ то 18-сола 34 034 нафарро ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, кӯдакони ятими кулл дар кишвар 1168 нафар, кӯдакони нимятим 77 502 нафар мебошанд.

Қайд карда шуд, ки соли 2024 барои нафақагирон хизматрасонӣ дар ҳаҷми 26,5 миллион сомонӣ маблағгузорӣ карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 8,7 миллион сомонӣ ё 48,8 фоиз зиёд мебошад.

## САРИ САБЗ



**Сабзагул ҚУРБОНОВА,**
**Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Ҳафтае як-ду маротиба ба театр меравам... Замони ҷавонии мо кор дигаргуна буд. Муносибатамон ба кор ҷиддӣ буд. Вале имрӯза ҷавонон ба кор саҳлангорӣ мекунанд, ҳатто дар роликҳои блогерони кӯчагӣ ҳам нақш мебозанд...**

*- Кори хайр мекунед. Агар театрравиро ҳар ҳафта ягон рӯзаки дигар афзоиш медодед, шояд ҷавонон каме шарм дошта, берун аз роликҳо, муносибаташон ба кор ҷиддитар мешуд.*



**Олга ТУТУБАЛИНА,**
**корманди рӯзномаи "Азия-Плюс"**

**- Барои рӯзноманигороне, ки давоми 7-10 соли охир ба ин соҳа омаданд, дилам хеле месӯзад, зеро онҳо комилан ҳамчун рӯзноманигор фаъолият намекунанд, балки танҳо вазифаҳои алоҳидаро иҷро мекунанд.**

*- Ииии, чаро дилатон месӯхтааст? Ё он вазифаҳои алоҳида аз соҳа тамоман дуранд? Масалан, агар хаткашониро дар назар дошта бошед, ба соҳа қаробати зиёд дорад...*



**Райҳона ТУРСУНОВА,**
**ҳунарманд дар самти кошинкорӣ**

**- Дар оянда ният дорам ин ҳунарамро ба дигарон низ омӯхта, сафи ҳунармандонро зиёд намоям. Коргоҳи хусусӣ ташкил карда, духтаракони соҳибзавқро ба кор гирам. Ба ин восита, мехоҳам ҳунарҳои қадимаамон аз нав тренд гарданд.**

*- Нияти оқилона ва барои ҷамъият муфид аст воқеан. Аммо, як илоҷ карда, аввал коргоҳи хусусиятонро ташкил намудаву баъд ба омӯзонидан машғул гардед, ки боз рақиб пайдо накунед.*

## Конибодом

# ВАЗЪ ОРОМ АСТ, АММО МАРДУМ ХОТИРҶАМЪ НЕСТАНД



*Даврон ЗОҲИДЗОДА, раиси шаҳри Конибодом*

**Дар шаҳри Конибодом пас аз кушторҳои гурӯҳӣ вазъ то ҷойе ором аст, аммо навбатдории шабонарӯзӣ аз тарафи ихтиёриён идома дорад. Ин хабарро раиси тозатаъини шаҳри Конибодом Даврон Зоҳидзода зимни баргузории нишасти матбуотӣ, рӯзи 31-уми январ иброз дошт. Таъкид гардид, ки то ҳол сокинони шаҳр хотирҷамъ нестанд ва шабона гулхан афрӯхта, дар баъзе деҳаҳо навбатдорӣ мекунанд.**

Иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳр бо ишора ба халал нарасонидан ба рафти тафтишот дар робита ба ҳодисаҳои куштор аз додани маълумоти бештар худдорӣ кард.

Раиси нави шаҳр тасдиқ кард, ки дар пайи кушторҳои пай дар пай аҳолии зиёд хонаҳои худро тарк карда, ба шаҳри Хуҷанд ва дигар шаҳрҳои вилоят кӯч банданд ва ҳоло "ҳукумат талош дорад, ки ҳамаи онҳоро ба хонаи дари худ баргардонад".

Ёдовар мешавем, ки дар пайи кушторҳои пай дар пай дар шаҳри Конибодом соли гузашта 23 узви 7 оила ба таври мармуз кушта шуданд ва сокинони ин шаҳр ҳанӯз дар ҳаросанд. Ин ҳодисаҳо боиси нигарониҳои зиёд шуд ва дар сарҳати шабакаҳои иҷтимоӣ низ қарор дошт.

Бояд гуфт, ки кушторҳои пай дар пай дар шаҳри Конибодом ба фаъолияти ягона мактаби тоҷикӣ-қирғизии деҳаи Санҷидзор низ таъсир расонидааст. Ин нукта низ дар нишасти хабарии раиси шаҳр таъкид гардид. Ба гуфтаи мудири шуъбаи маорифи шаҳри Конибодом Ҷабборӣ Бурҳониддин, ба ҳолати имрӯза дар ин муассисаи таълимӣ ҳамагӣ 3 хонанда таҳсил доранд.

Роҳбарияти шаҳр гуфт, ки ҳодисаҳои нохуши минтақа ба таҳсили толибилмон ва фаъолияти омӯзгорон асар кардааст. "Ҳоло пайи ба эътидол овардани вазъ ҳастем",- афзуд ӯ. Бино ба гуфтаи Зоҳидзода, баъди ҳодисаҳои куштор, ин мактаб зери таваҷҷуҳи махсуси Ҳукумати шаҳр қарор дорад ва бо дарназардошти муносибатҳои байни ду давлат фаъолияташ нигоҳ дошта шудааст. Гуфта шуд, ки баъди баста шудани сарҳад миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон аксарияти сокинони қирғизтабори деҳаи Санҷидзор кӯчида рафтанд.

Роҳбарият изҳор дошт, ки баъди аз нав боз шудани марз миёни ин ду давлати ҳамсоя муносибатҳо хуб шуда, таълим дар ин муассиса ба ҳолати пештарааш бармегардад.

Ёдовар мешавем, ки посбони мактаби тоҷикӣ-қирғизии деҳаи Санҷидзор Марат Саттовровро вобаста ба ҳодисаҳои куштори баҳори 2024-ум дастгир кардаву ба ҳабси абад маҳкум кардаанд.

Ҳамчунин шаби 28 ба 29-уми май дар деҳаи Санҷидзор 6 узви ду оила кушта шуданд, ки яке аз онҳо муовини мактаби мазкур Зулхо Иброҳимова буд.

Гумонбари дигари ҳодисаҳои куштор Бахтиёр Равшанов низ, ки моҳи декабр дастгир шуд, сокини ҳамин деҳа аст.

**Фарзона ШАМСИЕВА, вилояти Суғд**






## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Вазири маориф ва илми Тоҷикистон Раҳим Саидзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки омӯзгорон набояд ба корҳои ғайритаълимӣ ҷалб карда шаванд.**

Ба гуфтаи ӯ, муаллимон танҳо ба таълиму тарбияи хонандагон машғул бошанд ва набояд барои фаъолияти дигар, аз қабили ҷамъоварии маблағ ё корҳои ташкиливу ҷамъиятӣ истифода шаванд. Раҳим Саидзода афзуд, ки Вазорати маориф барои беҳтар намудани шароити кори омӯзгорон талош дорад ва пайваста назорат хоҳад бурд, то ин талабот риоя шавад. Ӯ гуфт, ки баланд бардоштани сатҳи таълим аз муҳити кории муаллимон вобастагии зиёд дорад.



**Далер Ҷумъа, вазири энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон гуфт, ки таъмини мардум бо неруи барқ дар моҳи феврал беҳтар хоҳад шуд.**

Тибқи ҷадвали Шабакаҳои тақсими барқ, сокинон дар минтақаҳои Тоҷикистон бояд аз соати 5 то 8-и субҳ ва аз 18 то 22-и шаб, яъне ҳафт соат бо неруи барқ таъмин бошанд. Аммо бархе сокинон шикоят доранд, ки дар як шабонарӯз танҳо 4-6 соат барқ мегиранд. Далер Ҷумъа гуфт, агар ҷадвал риоят намешавад, сокинон ба Шабакаҳои тақсими барқ муроҷиат кунанд.



**Аз 1-уми март қабули довталабон ба донишгоҳу донишкадаҳо оғоз гардида, то 30-юми апрел идома мекунад. Даври дуюм аз 1-уми июн, даври сеюм аз 3-юми сентябр, даври 4-ум аз 24-уми октябр оғоз меёбад.**

Дар ин бора Сабзалӣ Ҷаъфарзода, директори Маркази миллии тестии назди Президенти Тоҷикистон иттилоъ дод. Ба гуфтаи ӯ, хатмкунандагони синфи 11-ум 114 ҳазор нафар буда, синфи 9 ба 150 ҳазор нафар мерасад, ки аз солҳои гузашта зиёдтаранд. Ҳоло маблағи қабули довталабон ҳангоми ҳуҷҷатсупорӣ муайян нест, зеро он бо мақомоти дахлдор мувофиқа мешавад.

# «ТОҶИК-ЭЙР» ПАРВОЗҲОРО БА РАШТ ОҒОЗ МЕКУНАД

**Ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик-Эйр" парвозҳоро дар масири Душанбе - Рашт - Душанбе оғоз мекунад. Дар ин бора ин ширкат дар саҳифаи "Фейсбук"-и худ хабар дода, навиштааст, ки нархи чипта 350 сомонӣ муайян шудааст.**



Ба гуфтаи манбаъ, аввалин парвоз 7-уми феврал хоҳад буд. Парвоз аз Душанбе ба Рашт соати 13:00 ва аз Рашт ба Душанбе соати 14:05 оғоз меёбад.

Манбаъ навиштааст, ки парвозҳо ҳафтае се маротиба - рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва ҷумъа тариқи ҳавопаймои АН-28 анҷом мешаванд. Ин ҳавопаймо барои интиқоли 17 мусофир ва то 1750 кг бор пешбинӣ шудааст.

Барои фармоиши чипта сокинон имкон доранд ба суроғаи ширкати ҳавопаймоӣ, ки дар шаҳри Душанбе дар кӯчаи Мирзо Мастонгулов 32/1 қарор доранд, муроҷиат кунанд.

Ёдрас мешавем, ки чанде пеш Парвиз Шодмонзода, раиси ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик Эйр" дар нишасти Агентии ҳавонавардии Тоҷикистон гуфта буд, ки соли ҷорӣ ин ширкат парвозҳои дохилии нав аз Душанбе ба Ванҷ, Рашт ва Лахшро роҳандозӣ мекунад.

Ширкати ҳавопаймоии "Тоҷик Эйр" пас аз танаффуси тӯлонӣ моҳи сентябри соли гузашта аз роҳандозии дигарбораи хатсайри Душанбе-Хоруғ-Душанбе хабар дод. Моҳи январи соли равон ин ширкат парвоз дар масири Кӯлоб ва Панҷакентро оғоз кард. Аммо парвоз дар хатсайри Душанбе-Панҷакент-Душанбе пас аз чор маротиба таъхир анҷом ёфт. Масъулини ширкат ҳар бор сурат нагирифтани парвоз аз Душанбе ба Панҷакент ва баръаксро ба номусоидии ҳаво рабт медоданд.

# ОҚОХОНИ IV

## Даргузашти роҳбари рӯҳонии исмоилиёни ҷаҳон

**Роҳбари рӯҳонии исмоилиёни ҷаҳон Шоҳзода Карим Оқохони IV 4-уми феврал дар соли 88-уми ҳаёт дар Лиссабон даргузашт. Дар ин бора “Diwan of The Ismaili Imamat” расман хабар дод. Гуфта мешавад, ки Оқохони IV дар Лиссабони Португалия “дар иҳотаи оилааш оромона даргузашт”.**



### ҶОЙГУЗИНИ ОҚОХОНИ IV КӢ ХОҲАД БУД?

Дар изҳорот гуфта шудааст, ки роҳбари рӯҳонии навбатӣ алакай интихоб шудааст. Номи ӯро чанд рӯз баъд, ҳангоми хондани васиятномаи Оқохони IV бо иштироки аҳли оилаи Шоҳзода ва як қатор шахсиятҳои бузурги ҷамъияти исмоилӣ эълон мекунанд.

### БО ҚАЛБИ ТИЛОӢ

Маҷаллаи Paris Match ӯро "Имом бо қалби тилоӣ" номид.

Шоҳзода Карим Оқохони IV 49-ум имоми ҷамоати исмоилиёни низории шиъа дар ислом аст ва аз ҷониби Фотима насли мустақими Паёмбар Муҳаммад (с.а.) ҳисобида мешавад.

Оқохони IV 13-уми декабри соли 1936 дар Женеваи Швейтсария таваллуд шудааст. Ӯ писари калонии шоҳзода Алӣ Салмонхон ва бону Тоҷуддавла Алихон мебошад.

Пас аз гирифтани таҳсил дар Швейтсария ва донишгоҳи Ҳарвард, ӯ соли 1957 ҳамчун вориси Имомати мазҳаби исмоилиёни низориён дар синни 20-солагӣ аз ҷониби бобояш Султон Муҳаммадшоҳ Оқохони III интихоб шуд.

### ҲАМСАР ВА ФАРЗАНДОНИ ШОҲЗОДА КАРИМ

Шоҳзода Карим ду маротиба оиладор шудааст. Дар соли 1968 шоҳзода ба модели англис, духтари афсари артиши Ҳиндустон Салли Крайтон-Стюарт ошиқ шуд. Худи ҳамон сол ӯ бо вай издивоҷ кард. Пас аз издивоҷ вай Бегим Салима ном гирифт. Онҳо се фарзанд доранд, шоҳзода Раҳим Оқохон, шоҳзода Ҳусейн Оқохон ва шоҳзода Заҳро Оқохон. Аммо соли 1993, пас аз 25 сол, издивоҷи онҳо барҳам хӯрд.

Соли 1995 шоҳзода бо шоҳзода Габриэле-су-Лейнинген, зодаи Олмон издивоҷ карда, вай номи Бегим Инораро қабул кард ва шоҳзода Алӣ Муҳаммадро таваллуд кард. Аммо пас аз 6 сол ин издивоҷ низ барҳам хӯрд.

Имрӯз фарзандони Оқохон ба манфиати имомат кор мекунанд. Шоҳдухтар Заҳро Департаменти таъминоти иҷтимоиро роҳбарӣ мекунад. Шоҳзода Раҳим директори иҷроияи Фонди Оқохон оид ба рушди иқтисодӣ мебошад ва шоҳзода Ҳусейн дар соҳаи ҳифзи муҳити зист фаъолият мекунад.

### ЭЪТИРОФИ ҶАҲОНӢ

Шоҳзода Карим Оқохони IV соҳиби сарвати зиёд, қалъаҳо, ҳавопаймоҳои шахсӣ, яхтаҳо, корхонаҳо ва соҳиби мартабаи “Имом” буд, аммо ба ягон қаламрави сиёсӣ алоқамандӣ надорад.

Ҷаҳон дар ҳайрат аст, ки чӣ гуна ӯ тавонист як қатор мухолифатҳо, аз қабили мухолифати рӯҳонӣ ва моддӣ, масеҳият ва мусулмонӣ, Шарқ ва Ғарбро муттаҳид бисозад.

Ҳамин аст, ки ӯро ҷомеаи ҷаҳон эътироф кардааст.

Соли 1957 пас аз марги Оқохони III ӯ унвони “Оқохони IV”, яъне унвони Имоми исмоилиёни низориро ба мерос гирифт. Бояд гуфт, ки соли 1830 ҳокими форс Фатҳ-Алишоҳ бори аввал унвони “Оқохон”-ро ба Имоми 46-уми исмоилиён Ҳасан Алишоҳ дода буд. Шоҳзода Карим Оқохони IV Имоми 49-умини исмоилиёни ҷаҳон мебошад.

Соли 1957 Маликаи Британиё Елизаветаи II ба ӯ унвони "Ҷаноби Олӣ" ва соли 1959 Шоҳаншоҳи Эрон Муҳаммад Ризо Паҳлавӣ ба ӯ унвони "Шоҳзода Ҷаноби Олӣ"-ро дод.

Соли 1887 генерал-губернатори Ҳиндустони Британиё граф Дафферин ба Оқохони IV унвони “Шоҳзода”-ро ба нишони миннатдорӣ барои хидматҳои ба Британиё дар ҷанги Афғонистон дар солҳои 1841-1842 кардааш эътироф кард.

Ҳамчунин, Оқохони IV аз давлатҳои гуногун мукофотҳои зиёди ҳукуматӣ дорад, соҳиби дипломҳои фахрии донишгоҳҳои калонтарини ҷаҳон мебошад.

### КУМАК БА БАШАРИЯТ

Шоҳзода Карим соли 1967 Фонди Оқохонро таъсис дод. Аз соли 1976 ҷоизаи Оқохон оид ба хоҷагии қишлоқро созмон дод. Соли 1977 бошад, институти таҳқиқи таълимоти исмоилиёнро ва ҷоизаи Оқохон оид ба меъмориро бунёд гузошт. Аз соли 1983 муассис ва президенти Донишгоҳи Оқохон дар Покистон мебошад.

Шоҳзода Карим муассис ва сарпарасти лоиҳаҳои зиёди хайриявӣ мебошад, ки дар бисёр кишварҳо, аз ҷумла дар давлатҳои Осиёи Марказӣ фаъолият мекунанд.

Таҳти роҳбарии ӯ ташкилоти Aga Khan Development Network (АКДН) амал мекунад, ки дар доираи он як қатор муассисаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, таълимӣ ва фарҳангӣ фаъолият мебаранд.

Мақсади асосии ташкилоти “Бунёди Рушди Оқохон” баланд бардоштани сифати зиндагии ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад. Ин ташкилот асосан дар кишварҳои Осиё ва Африқо фаъолият намуда, кӯшиш мекунад, ки сифати зиндагии онҳоеро, ки ба кумак ниёз доранд, новобаста аз эътиқоди онҳо беҳтар гардонад. Оқохон зиёда аз 60 сол дар пешрафти ин ташкилот саҳмгузор буд.

### ОҚОХОНИ IV ВА ТОҶИКИСТОН

5-уми феврал Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Девони имомати исмоилия дар робита ба даргузашти Шоҳзода Карим Оқохони IV номаи таслият равон кард.

Эмомалӣ Раҳмон дар номаи худ ба наздикону пайвандони марҳум ҳамдардӣ баён карда, гуфтааст, ки ӯ "бо талошҳои пайвастааш дар роҳи ҳифзи сулҳу субот, пешрафту нумӯи ҷаҳони ислом ва татбиқи ҳадафҳои рушди умум дар арсаи байналмилалӣ маъруфият пайдо карда, соҳиби мақому манзалати хосса гардидааст".

Президенти кишвар саҳми Оқохони IV-ро дар пешбурди ҳамкории созанда бо Тоҷикистон таъкид кардааст.

Воқеан, Оқохони IV бо Тоҷикистон робитаи зич дошт, зеро аксари сокинони Бадахшони Тоҷикистон пайравони мазҳаби Исмоилия ҳастанд ва Шоҳзода Карим Оқохони IV-ро раҳбари рӯҳонӣ медонанд. Оқохони IV борҳо бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон омада, чанде аз иншоот, аз ҷумла пули пайвандгари Тоҷикистону Афғонистонро бар фарози дарёи Ому ба истифода додааст.

Ба ақидаи бисёре аз таҳлилгарон, сафару ёриҳои Оқохон ба Тоҷикистон дар давраи ҷанги дохилии солҳои 1992-97 ва бозсозии баъдиҷангӣ шиддати иҷтимоиро коҳиш дода, мавзеъгирии сиёсии ӯ ба пешрафти гуфтушуниди сулҳ мусоидат кардааст.

Сафари охирини ӯ ба Тоҷикистон дар моҳи апрели соли 2012 сурат гирифт.

Шабакаи Рушди Оқохон беш аз сӣ сол боз дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамсояаш тарҳҳои зиёди иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиро амалӣ мекунад. Саҳмияи ширкати мобилии “Tcell”, Бонки сармоягузорӣ ва қарзӣ ва меҳмонхонаи “Серена” дар Душанбе ба он марбут дониста мешавад.

**Дило ДОРОБШОЕВА**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Донишгоҳи давлатии Бохтар мувофиқи раддабандии Агентии давлатии назорат дар соҳаи маориф дар даҳгонаи аввали муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавқеъ гирифт.**

Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ ректори донишгоҳ Маҳмадалӣ Қурбонзода иттилоъ дод. Зикр гардид, ки ҳоло дар 45 кафедраи донишгоҳ 621 омӯзгор, аз ҷумла 17 профессор, 189 номзади илму дотсент, 420 саромӯзгор, омӯзгор ва ассистент фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ мебаранд. Шумораи донишҷӯёни донишгоҳ 19 754 нафарро ташкил медиҳад.



**Соли 2024 нақшаи умумии иҷроиши андоз дар Хатлон бо назардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ наздики 105 дарсад таъмин шуд. Ҷамъоварии андоз назар ба соли 2023 беш аз 347 миллион сомонӣ зиёд мебошад.**

Ҷурабеки Ҷумъа, сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон дар нишасти хабарӣ гуфт, ки соли 2024 ба ҷойи 2 миллиарду 620 миллион сомонӣ ба буҷети вилояти Хатлон беш аз 2 миллиарду 742 миллион сомонӣ ворид шуд. Зикр гардид, ки дар соли 2024 бақияи қарзи андоз дар вилояти Хатлон беш аз 1 миллион сомонӣ кам карда шудааст.



**Синамогарони Эрон 10 нафар ҳунармандони тоҷикро барои иштирок дар кастинги филми ҳунарӣ даъват намудаанд, ки дар байнашон ҳунармандони машҳури тоҷик Қурбони Собир, Таҳмина Раҷабова ва Сайёра Сафарӣ ҳастанд.**

Дар ин бора директори “Тоҷикфилм” Маҳмадсаид Шоҳиён иттилоъ дод. Зикр гардид, ки соли 2024 дар киностудияи “Тоҷикфилм” дар ҳамкорӣ бо синамогарони Эрон ва Русия филми нав бо номи “Моҳӣ дар шаст” ба навор гирифта шуд. Дар соли 2024 филмҳои “Тоҷикфилм” соҳиби 20 ҷоизаи байналмилалӣ гаштаанд. Танҳо филми ҳунарии “Дов” тӯли 2 соли охир 25 ҷоизаи байналмилалиро ба даст овардааст.



# МОҶАРОИ «ЛЕКСУС»-У «ОПЕЛ»

## Мо боем ё камбағал?

**Дар кӯчаҳои пойтахт имрӯз шумораи мошинҳои сабукрав чунон зиёд аст, ки ҳаракати наклиёт қариб дар ҳамаи кӯчаҳое, ки онҳо чанд сол қабл ҳатто чароғаки раҳнамо надоштанду ҳоло соҳиби чароғак шудаанд, танбашавӣ як ҳолати маъмулӣ гаштааст. Дар кӯчаҳои асосӣ ё худ марказӣ низ чунин ҳолат бештар асту кам не. Сабаб чист?**

Баъзе аз онхое, ки аз бинии худ дуртарро намебинанд, ин ҳолатро айби сохторхои танзимгари шаҳр ва ё худ БДА медонанд. Аммо касе андеша намекунад, ки охир, бистсӣ сол аз ин пеш миқдори наклиёт нисбати ҳозира ду-се маротиба ва шояд аз ин ҳам бештар кам буд.

Мувофиқи маълумоти расмӣ, то моҳи марти соли сипаришуда дар кишвари мо қариб 700000 мошини гуногунтамға ба қайд гирифта шудааст, ки нисбати бист сол пеш тақрибан ду маротиба бештар аст.

**Акнун биёед ош мепазем. Дар деге, ки он барои панҷ кило биринҷ пешбинӣ шудааст, мо хашт кило биринҷро ош пухтанием. Натиҷа чӣ аст, тасаввур кардан душвор нест: биринҷи мо ҳатто об наандохта, аз лабу даҳони ин дег берун мерезад.**

Ҳолати имрӯзаи мошиндории мо низ ба ҳамин монанд аст. Яъне ғунҷоиши кӯчаҳои мо, хусусан пойтахтамон имкон намедиҳад, ки чунин миқдори зиёди мошинҳо ҳамарӯза дар кӯчаҳо бемамониат равуо кунанд ба чунин ҳолат дар мамлакатҳои пешрафта низ ба назар мерасад. Ҳарчанд шаҳрдорӣ барои беҳтар гардидани ин ҳолат кӯчаҳоро васеъ мекунад, эстакадаҳо месозад, вале аз танбашавии роҳ пешгирӣ кардан як муддат имконнопазир аст.

Дар замони шӯравӣ соҳиби мошини сабукрав будан - ин маънои "бойбача" буданро дошт. Мошин ба қавле, "роскош" буд, на "средство предвижение". Мошинро танҳо ба он нафаре медоданд, ки ба қавле "пешқадами истеҳсолот" бошад ва ё ба миқдори муайян ба давлат ширу гӯшт ва ё равғани чорвою пашми онро супорад. Яъне, ин воситаи наклиёт барои "шавқманд кардани синфи коргару деҳқон ба корнамоиҳои нав ба нави меҳнатӣ" буд.

Ҳоло бошад, як нафаре, ки ҳатто чойи кори асосӣ надораду ба қавли мардум "халтура мезанад", соҳиби мошин аст. Баъзе оилҳои миёнаҳолеро медонам, ки дар паси дарвозаашон ду-се мошин доранд. Албатта, ин ба шарофати замони Истиқлол ва нишонаи беҳтарини хуб шудани зиндагии мардум аст.

Ман як чизи дигари муҳимро дар "симои" мошинҳо мушоҳида кардам. Сол ба сол, вақте ки зиндагии сокинон беҳтар мегардад, тамғаи мошинҳо низ тағйир меёбад.

**ДАР ЗАМОНИ ШӮРАВӢ СОҲИБИ МОШИНИ САБУКРАВ БУДАН - ИН МАЪНОИ "БОЙБАЧА" БУДАНРО ДОШТ. МОШИН БА ҚАВЛЕ, "РОСКОШ" БУД, НА "СРЕДСТВО ПРЕДВИЖЕНИЕ".**

Агар чанд сол пеш дар кӯчаҳои Душанбе аксари ин мошинҳо тамғаи нисбатан арзонбаҳои "Опел" доштанд ва танҳо баъзе аз пулдорон савори фарз кардем "Лексус" буданд, ҳоло "опелҳо" ба оҳистагӣ мавқеи худро ба мошинҳои қиматтар додаистодаанд ва шумораи мошинҳои гаронарзиши барқӣ низ меафзояд. Шояд пас аз ду-се сол "опелҳо" мисли "тангем" ба гӯшаи фаромӯшӣ раванду ба қавле "утилизатсия" шаванд. Тавре мошиндорон мегӯянд, ҳоло мошиндорӣ басо қимат шудааст ва маблағе, ки барои аз рӯи қоидаҳои муқарраргардида сарф мешавад, барои хариди як "опел"-и кухна басанда аст. Шояд онҳо ҳақ бошанд, вале агар чунин аст, чаро аз баҳри мошин намегузаранд?

**Акнун, барои ҳалли мушкилоти танбашавӣ чанд пешниҳод карданием, ки аз таҷрибаи дигар кишварҳо бармеояд:**

1. Бояд мисли мегаполисҳои бузург рӯзҳои ҳафтаро тақсим карда, баъдан, фарз кардем дар рӯзҳои ҷуфти ҳафта мошинҳоеро дар шаҳр иҷозат додан лозим, ки рақами ҷуфт доранд ва дар рӯзҳои тоқ рақамҳои тоқро.
2. Истифодаи мошинҳои "калонсол"-ро манъ кардан лозим. Боз чанд амале, ба мисли он, ки ворид гадидани мошинҳои "бегона"-ро ба шаҳр анҷом додан мумкин, ки метавонад сабабгори кам шудани мошинҳо ва танбашавӣ гардад.

Албатта, чунин пешниҳодҳо ба ронандагон намефорад, вале тавре русҳо мегӯянд: "Из двух зол выбрат наименшую" (аз ду оқибати бад, камтарашро интихоб кунем), беҳтар нест?

**А. АҲМАДЗОДА,**
**журналист**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Арзиши миёнаи як метри мураббаъ хона дар ҷумҳурӣ ба ҳолати моҳи декабри соли 2024-ум 705 долларро ташкил медиҳад. Дар ин бора Низом Мирзозода, раиси Кумитаи сохтмон ва меъмории зимни нишасти хабарӣ иттилоъ дод.**

Ба иттилои манбаъ, давоми соли гузашта дар кишвар 1 млн 739,6 метри мураббаъ хона ба истифода дода шуд. Дар Душанбе арзиши миёнаи як метри мураббаъ хона 780 доллар мебошад. Раиси кумита гуфт, дар дигар кишварҳо низ арзиши хона баланд аст. Аз ҷумла дар Ӯзбекистон 775 доллар, дар Озарбойҷон 1141 доллар, дар Қирғизистон аз 635 то 700 доллар, дар Қазоқистон 998 доллар.



**Дар шаҳри Бӯстон вазъи эпидемиологӣ муътадил аст. Танҳо хуруҷи бемориҳои мавсимӣ, ба монанди зуком ба мушоҳида мерасад. Барои пешгирии бемориҳои сироятӣ дар шаҳр чораҳои зарурӣ андешида шудаанд.**

Дар ин бора иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Бӯстон Фирӯза Нуруллозода зимни нишасти матбуотӣ гуфт. Иттилоъ дода шуд, ки дар соҳаи тандурустии шаҳр норасоии кадр ба назар мерасад. Хусусан беморхонаву марказҳои саломатӣ ба духтурони оилавӣ эҳтиёҷ доранд. Соли 2024 бошад, дар шаҳр ягон ҳолати фавти модар ҳангоми таваллуд ё баъд аз таваллуд ба қайд гирифта нашудааст.



**Рӯзҳои наздик агрегати чоруми НБО-и «Қайроққум» пас аз навсозӣ ба кор оғоз мекунад. Дар ин бора иҷрокунандаи вазифаи раиси шаҳри Гулистон Илҳом Пӯлотзода иттилоъ дод.**

Бино ба маълумоти ӯ, ҳоло 3 агрегати ин неругоҳ пурра фаъолият доранд. Таъкид гардид, ки корҳои сохтмонӣ дар агрегати чорум дар марҳилаи анҷомёбӣ аст. Чанд созмонҳои хориҷӣ ва шарикони рушд барои ба истифода додани агрегати чорум ҷалб карда шудаанд ва корҳои васлкунӣ низ аз тарафи мутахассисон дарояндаи наздик ба анҷом расонида мешавад.

# ФАРЁДИ ХОМӮШИ ҲАЙКАЛИ ЛЕНИН

**Ленин мисли як шоҳиди хомӯши таърих истодааст. Сояи сангини як давраи гузашта, ки ҳатто биниаш натавонист бар фишорҳои замон устувор монад. Биние, ки шамоли таърих онро канда бурд. Акнун чеҳрааш бе бинӣ, сахту даҳшатовар менамояд, гӯё худи таърих бо панҷаи ноаёни худ онро канда бошад.**



Дар як дасташ газетаи "Правда" часпидааст - вараҷи сангие, ки замоне қарор буд рамзи ҳақиқат бошад. Аммо акнун он "ҳақиқат" мисли оҳани зангзадаест, ки танҳо барои зеб додани ҳайкал мондааст. Дасти дигараш бошад, оромона дар кисаи шалвораш аст. Маълум нест он ҷо чӣ пинҳон аст - шояд орзуҳои кандашуда, ё мумкин ҳақиқате, ки ҳаргиз рӯи кор наомад.

Агар аз назди ҳайкал гузарӣ, чунин эҳсос мекунӣ, ки худи Ленин мехоҳад чизе бигӯяд, аммо на бинӣ дорад, ки "нафас" гирад, на забон, ки "ҳарф" занад. Танҳо чашмонаш, ки як замон бо шуълаи идеология месӯхтанд, акнун мисли ду нуқтаи хомӯш ба холигоҳи таърих менигаранд.

Ин ҳайкал дигар рамзи идеология нест. На нишонаи қудрат ва на муқаддасоти як давраи фаромӯшшуда. Ин танҳо як ёдгории хомӯш аз шикасти пайкараҳои бузург аст, ки ҳатто таърих онҳоро наметавонад аз рехтани бинӣ наҷот диҳад.

Ҳайкали беҷон акнун як намоди даҳшатбори гузаштаест, ки на бар рӯи оянда мебинад ва на метавонад бӯи замони навро эҳсос кунад.

Ин пайкараи Ленин дар назди бинои собиқ колхози ба номи Ленини ноҳияи Мастчоҳ ҷойгир аст. Ҳоло ин макон хусусӣ шудаву дигар касе Ленинро эътибор ҳам нододааст. Ин пайкара ҳар фасли сол аз шамоли ҳодиса кам-кам фурӯ мерезад...

**Фитрати ҲИКМАТ,**
**ноҳияи Мастчоҳ**

# БОЗОРИ “ДЕҲҚОН” ОБОД МЕШАВАД




**Бо иваз шудани раиси бозори “Деҳқон” вазъи он рӯз то рӯз беҳтар мешавад. Раиси нав С. Файзализода корро аз ободбкорӣ оғоз намудааст.**

Оид ба мушкилоти бозори мазкур, беназоратӣ ва саҳлангории маъмурияти пешнина чанд мақолаи танқидӣ ба нашр расида буд. Аз ҷумла дар бозор тобистон чангу хок то осмон мебаромаду зимистон лою гил то зону мечаспид. Ҳоло саҳни марказии бозор сафолакпӯш шуда, қатори фурӯшандаҳо, ки пештар рӯйи замин молҳояшонро гузошта, савдо мекарданд, раддабандӣ шудаву ба тартиб даромадааст.

Дар бозори “Деҳқон” 22 нуқтаи гӯштфурӯшӣ мавҷуд буда, нархи гӯшт 70-75 сомонӣ аст. Яъне назар ба дигар бозорҳо арзон мебошад.

Масоҳати бозор чандон калон набошад ҳам, 85 намуди маҳсулот фурӯхта мешавад. Барои назорат кардани нарху наво дар бозор рӯйхати навбатдорӣ ҳаст. Инчунин дар бозор либоси ягонаи фурӯшандаҳо ба назар мерасад ва барои нигоҳ доштани ҳолати беҳдоштӣ рӯзҳои муайян ҷудо шудааст. Дар бозор ҷойи яклухтфурӯшӣ ҳаст, ки маҳсулоташ нисбатан арзон мебошад.

**Э. КАМОЛЗОДА**




**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Матолиби шумо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# ҚАДИМИЯТ ВА ҲУВИЯТИ ХОСИ ТОҶИКИСТОН



*Валид бин Абдулраҳмон ар-Решайдан, Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон*

**Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар минтақаи Мовароуннахр ҷойгир аст, аз замонҳои қадим гаҳвораи тамаддун ва таърих ба ҳисоб меравад. Дар ин сарзамини нек тамаддунҳои зиёде рушд намуда, ба ғанигардонии фарҳанги ҷаҳониён саҳм гузоштаанд, донишмандону файласуфоне дар он парвариш ёфтаанд, ки дар роҳи хизмат ба инсоният нақши муҳим доштанд ва то ҳол низ доранд.**

Тоҷикистони муосир, ки соли 1991 истиклолият ба даст овард, ба рушди чашмрас ноил шуд, узви фаъоли ҷомеаи байналмилалӣ гардид. Сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба эҳёю рушди кишвар ва таъмини амнияту субот, ки мусоидат ба дарҳои боз барои қабули сайёҳон ва сармоягузорон намуд, таъсири хеле мусбат расонид.

Сею ним сол аст, ки банда дар пойтахти зебо - шаҳри Душанбе ҳастам ва бо рағбат ва камоли хушӣ ба чандин шаҳру ноҳияҳои Тоҷикистон сафар намуда, аз меҳрубониву самимияти мардуми тоҷик бархӯрдор гаштам. Ин сифати беҳамтоест, ки ба шарофати он мардуми тоҷик бо саховатмандӣ ва ҳувияти хоси худ шуҳратёр гардидааст. Ин ҳувият реша дар замину кӯҳҳои баланди Тоҷикистон дошта, бо урфу одат ва анъанаҳои онҳо ҳамзистӣ мекунад, ки бархе аз онҳо ба урфу одат ва анъанаҳои Арабистони Саудӣ шабоҳат доранд.

Ман шоҳиди шодию хурсандии мардум дар тӯйҳо ва дигар чорабиниҳои дилхушкунандаи онҳо будам.

Ҳамчун мухлиси футбол, ман ҳамеша раванди рушди дастаи мунтахаби миллии Тоҷикистонро пайгирӣ мекардам ва ҳанӯз аз оғози ҳузурам дар Душанбе гуфта будам, ки футболи тоҷик дар ҳоли рушд аст ва Тоҷикистонро дар чемпионати Осиё хоҳем дид. Дар ҳақиқат, дастаи мунтахаби миллӣ дар ин мусобиқа иштирок кард ва бо сатҳи баланди бозӣ сазовори таҳсину офарин гардид. Ҳамзамон, бозигарони барҷастае чун дарвозабон Ятимов, нимҳимоятгар Ҷалилов ва дигарон тавонистанд, ки мухлисонро шод гардонанд. Умедворам, ки дастаи мунтахаби Тоҷикистонро дар финали чемпионати ҷаҳон, ки соли 2034 дар мамлакати ман - Шоҳигарии Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, бубинам.

Ман таманнои ҳамешагии пешрафти кишвари зебои шумо, сулҳу оромӣ ва рушди онро дорам.

**Валид бин Абдулраҳмон ар-Решайдан, Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон**



*Вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо Сафири Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон Валид бин Абдулраҳмон ар-Решайдан*

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Фарҳод Раҳимӣ, раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии кишвар зимни нишасти матбуотӣ масъалаи ғайриқонунӣ азхудкунии замини дар ихтиёри муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ бударо тасдиқ кард.**

Ӯ гуфт, ки як қисми заминро дубора баргардониданд. “Солҳои охир баъзе қитъаҳои замин ғайриқонунӣ ба шахсиятҳои алоҳида дода шудааст. Айни замон 1 ҳазору 800 гектар заминро пурра сертификат кардем”,- гуфт Раҳимӣ. Ҳамчунин, ӯ таъкид кард, ки барои баргардонидани заминҳои дигар низ талош хоҳанд кард.



**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон аз рӯйи 5 кластери Маркази миллии тестӣ довталабонро қабул мекунад. Айни замон дар ин муассисаи олӣ 96 ихтисос мавҷуд аст.**

Дар ин бора ректори донишгоҳ Убайдулло Асрорзода ба намояндагони ВАО иттилоъ дод. “Донишгоҳ мақоми байналмилалӣ дорад ва дар он тамоми шароити таълим фароҳам аст. Бо ин мақсад тамоми ихтисосхоро дар мувофиқа бо мақоми ваколатдор дар донишгоҳ роҳандозӣ намудем”,- изҳор дошт ректор. Зикр гардид, ки соли гузашта нақшаи қабули донишҷӯён ба ин донишгоҳ 100 фоиз иҷро шуд.



**Соли сипаришуда дар Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 6 ихтисоси нави ба бозори меҳнат ҷавобгӯ таъсис дода шуд. Дар ин хусус ректори донишгоҳ Ҳакимбек Абдуалимзода иттилоъ дод.**

Ихтисосҳои нав «иқтисодиёт ва молияи бозори амвол», «иқтисодиёт ва молияи корхонаҳои хоҷагии шаҳр», «иқтисодиёт ва молияи хоҷагии манзилию коммуналӣ», «менеҷменти лоиҳаҳои рақамӣ», «иқтисоди сабз» ва «иқтисодиёт» мебошанд. Айни замон дар донишгоҳ 6 факултет, 17 кафедраи тахассусӣ ва 8 кафедраи умумидонишгоҳӣ фаъолият намуда, аз рӯйи самтҳои гуногун мутахассисони соҳаи молия, иқтисод, технологияҳои инноватсионию коммуникатсионӣ ва ҳуқуқи иқтисодӣ омода менамоянд.

## Сахидод Раҳматуллозода:
# БА 330 НАФАР ПОСУХИ МАНФӢ ДОДЕМ

**Дар Тоҷикистон намояндагони ҳудуди 80 қавму миллат зиндагӣ мекунанд, ки бузургтаринашон тоҷикон мебошанд.**

Сахидод Раҳматуллозода, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти Тоҷикистон гуфт, ки кумита қариб ба тамоми пешниҳодоти муроҷиаткунандагони ақаллиятҳои миллӣ дар бораи номгузории фарзандон посухи мусбат дод.

“Намояндагони дигар миллатҳо, ки дар Тоҷикистон зиндагӣ мекунанд, дар интихоби номҳои худ озод ҳастанд. Фақат дар асноди расмӣ муваззаф мешаванд, ки номҳои миллии худро ба имлои забони тоҷикӣ мутобиқ кунанд”,- гуфт Раҳматуллозода.

Соли гузашта 911 нафар ба Комиссияи номгузории номҳои миллии кумитаи мазкур дар масъалаи номгузории фарзандон муроҷиат кардаанд, ки ба 330 нафар посухи манфӣ дода шудааст.

Раиси кумитаи мазкур гуфт, ки номҳои пешниҳодшуда ба далели мутобиқат накардани номгузории фарзандон ба талаботи “Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ”, меъёри суннатии номгузории миллии тоҷикӣ ва надоштани собиқаи таърихӣ дар номгузории миллии тоҷикӣ хулосаи рад дода шуд. Ба гуфтаи ӯ, аз 991 муроҷиаткунанда 64 нафар намояндагони ақаллиятҳои миллӣ дар Тоҷикистон буданд, ки ба ҳеҷ яке ҷавоби рад дода нашуд.

# ЧОР ДИДОР БО

**Ба назари банда, барои ҳар як журналисти тоҷик, чӣ аз Тоҷикистон ва чӣ берун аз қаламрави он, суҳбату мулоқот бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳодисаи фаромӯшнашаванда ва боиси шарафу ифтихор мебошад. Тасаввур кунед, чунин шарафу ифтихор ба банда - шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва сокини шаҳри Тошканд чор бор насиб шуд ва ҳоло мехоҳам аз ҳамон лаҳзаҳои басе гуворову хотирмон ёдовар шавам.**



*Дар акс: Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, журналист Мирасрор Ахроров (Фарғонӣ), академик Абдуҳалим Раҳимҷонов ва раиси Созмони тоҷикони Қирғизистон Равшанбек Собиров. Шаҳри Бишкек, сентябри соли 2009*

*Дидори нахуст*

## ЯК ХОҲИШ АЗ ПРЕЗИДЕНТ

Аввалин суҳбати ихтисосиамро бо Президенти муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 1999 анҷом додаам. Эшон ва сарони давлатҳои Қирғизистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон дар Тошканд барои мулоқот ҷамъ омаданд. Пас аз мулоқотҳо ва имзои санадҳои ҳамкорӣ нишасти матбуотӣ баргузор гардид. Дар он ҳар як президент дар бораи натиҷаҳои мулоқот, роҳҳои тавсеаи ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ ба журналистон маълумот ироа намуданд.

Баъди нишасти матбуотӣ андак танаффус ба миён омад. Журналистон талош мекарданд, ки ба ин ё он президент савол додаву ҷавоб пайдо кунанд. Вақте ки ба муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон наздик шудам ва гуфтам, ки ду-се суол дорам, эшон аз оринҷам дошта, аз миёни одамон ба канор баровարданд. Яъне бароям имкон фароҳам оварданд, ки бемалол саволҳоямро дар миён гузорам ва посух гирам.

Саволи аввал ҳамин буд, ки дар ин сафар ба кадом натиҷаҳо ноил шуданд ва ин натиҷаҳо то чӣ ҳад ӯро қаноатманд намуданд. Президент изҳор кард, ки аз натиҷаи сафари худ ба Тошканд хеле қаноатманд аст ва аз истиқболи робитаҳои Ӯзбекистону Тоҷикистон умеди калон дорад.

Ҳамон солҳо дар шаҳри Тошканд ҳафтаворӣ "Фарҳанги Осиёи Марказӣ" ба чаҳор забон, аз ҷумла тоҷикӣ нашр мешуд, аммо вазъи молии хуб надошт. Он ба хайси нашрияи Ассамблеяи фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ интишор мешуд ва раёсати онро Чингиз Айтматов бар уҳда дошт. Эҳтимоли қавӣ вуҷуд дошт, ки нашри бахши тоҷикии он ба далели камбуди молӣ қатъ хоҳад шуд. Барои ҳамин аз муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пурсидам, ки оё Тоҷикистон метавонад барои идома ёфтани нашри саҳифаҳои тоҷикии "Фарҳанги Осиёи Марказӣ" кумаки молӣ расонад.

- Барои расонидани кумаки молӣ аз Тоҷикистон ба ин нашрия ягон мушкил вуҷуд надорад. Аммо барои анҷоми ин кор бояд меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мусоидат намоянд. Нашавад, ки мо худсарона ба нашри он мудохила кунем. Агар ин тарафи масъала равшан шавад, мо ҳатман онро аз ниғоҳи молӣ дастгирӣ мекунем. Ман дар ин масъала бо Вазорати фарҳанги Тоҷикистон гуфтугӯ мекунам,- изҳор кард ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон.

Вақте ки ин суҳбатро ба Прага ирсол намудам, он ҷо аввал ҳайрон шудаанд, ки чӣ тавр як хабарнигори минтақаӣ метавонад бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суҳбати ихтисосӣ анҷом диҳад. Ин суҳбат аз бахши тоҷикии Радиои "Озодӣ" пурра нашр шуд.

**АЗ ИСЛОМ КАРИМОВ ИҶОЗА ПУРСИДАМ, КИ МЕШАВАД БА ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН БА ЗАБОНИ ТОҶИКӢ САВОЛ ДИҲАМ? ЯК ЛАҲЗА ХОМӮШӢ БА МИЁН ОМАД. - МАРҲАМАТ, САВОЛ ТИЕД, - ГУФТ БО ЧУНИН ЛАҲН ИСЛОМ КАРИМОВ. ХУДРО БА ДАСТ ГИРИФТАМ ВА ШЕРАК ШУДА САВОЛРО ДОДАМ. РАИСИҶУМҲУРИ ТОҶИКИСТОН НАТИҶАҲОИ САФАРИ РАСМИАШРО ХЕЛЕ МУВАФФАҚОНА АРЗЁБӢ НАМУД. БАЪД БАРОИ САВОЛИ ТОҶИКӢ БА БАНДА ИЗҲОРИ ТАШАККУР НИЗ КАРД. ИСЛОМ КАРИМОВ ЛИҲОЗО БО ТАБАССУМ ВА ШЕВАИ САМАРҚАНДӢ ЧУНИН ГУФТ: - ҲАМАИ ГАПОТОНА ФАҲМИДАМ, ЭМОМАЛӢ ШАРИПОВИЧ!**

*Дидори дуюм*

## СУҲБАТИ ТОҶИКӢ ДАР ҲУЗУРИ КАРИМОВ

Соли 2001 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сафари расмӣ ба Тошканд омад ва бо Ислом Каримов дидору мулоқот анҷом дод. Баъди анҷоми гуфтушунид якҷанд санад ба имзо расид. Ислом Каримов ва Эмомалӣ Раҳмон нишасти матбуотӣ баргузор карданд. Он вақт ман дар бахши форсии BBC (Британияи Кабир) кор мекардам.

Суханҳгӯи Президенти Ӯзбекистон профессор Рустам Ҷумъаев навбати саволдиҳиро эълон кард. Назди микрофон омадам ва аз Ислом Каримов иҷоза пурсидам, ки мешавад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ савол диҳам?

Як лаҳза хомӯшӣ ба миён омад. Аъзои ҳайати густардаи Тоҷикистон ба ақиб нигаристанд. Мехостанд донанд, ин кист, ки дар Тошканд ба Президенти Тоҷикистон ба забони тоҷикӣ суол медиҳад.

- Марҳамат, савол тиед,- гуфт бо чунин лаҳн Ислом Каримов.

Сароҳатан худро ба даст гирифтам ва шерак шуда, чунин саволи маъмулиро дар миён гузоштам:

- Ҷаноби Эмомалӣ Шарипович, аз ин сафар чӣ бардошт доред ва оё аз натиҷаҳои он қаноат ҳосил намудед?

Раисиҷумҳури Тоҷикистон натиҷаҳои сафари расмиашро хеле муваффақона арзёбӣ намуд. Баъд барои саволи тоҷикӣ ба банда изҳори ташаккур низ кард.

Ислом Каримов лиҳозо бо табассум ва шеваи самарқандӣ чунин гуфт:

- Ҳамаи гапотона фаҳмидам, Эмомалӣ Шарипович!

Толори то ин замон хомӯш якбора ба шавку завқ омад ва ҳама хурсандона кафкӯбӣ карданд.

Баъди анҷоми нишасти матбуотӣ бо Эмомалӣ Раҳмон суҳбати ихтисосӣ анҷом додам. Ин суҳбат бори дувум буд, ки ман аз мушарраф шудан ба он меболидам. Вақте ки эшон пеш-пеш ва Ислом Каримови мизбон аз паси ӯ меомад, таваккул кардаму пурсидам, ки чанд суол диҳам, майлаш?

Гумон кардам, ки эшон худро ношунида мегирад ва гузашта меравад. Аммо Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон таваққуф намуд ва "Извиняюсь, Ислом Абдуганиевич" гуфту аз ман пурсид:

- Чӣ саволҳо будааст?

Банда гумон намекардам, ки чунин иттифоқ меафтад, барои ҳамин саволҳои дуруст ҳам тайёр накарда будам. Бо вуҷуди ин, чандин савол дода, посух гирифтам. Ин суҳбати ихтисосии ман ҳам нашр шуд ва вокунишҳои мусбат гирифт.

# ПРЕЗИДЕНТ

*Дидори сеюм*

## ДАР ҲУЗУРИ ТОҶИКОНИ ҚИРҒИЗИСТОН

Бори сеюм бо Президенти Тоҷикистон дар бӯстонсарои президенти Қирғизистон, воқеъ дар шаҳри Бишкек ҳамсуҳбат шудам. Дар ҷараёни сафари кориаш ба Бишкек Эмомалӣ Раҳмон бо аъзои раёсати Иттиҳодияи тоҷикони Қирғизистон ба номи устод Рӯдакӣ ва донишҷӯёни тоҷик дидору мулоқот кард, ки аз Тоҷикистон дар донишгоҳҳо ва коллеҷҳои мухталифи Бишкек таҳсил мекарданд.

Дар оғози мулоқот академик ва раиси ифтихории Иттиҳодияи тоҷикони Қирғизистон Абдухалим Раҳимҷонов дар бораи фаъолияти созмони тоҷикон маълумоти мухтасар ироа кард. Ҳамчунин раиси нави ин созмон Равшанбек Собиров ҷаноби Эмомалӣ Раҳмонро итминон дод, ки барои рушду такомули забону фарҳанги тоҷикӣ дар Қирғизистон талошҳои бештар ба харҷ хоҳад дод.

Дар ин мулоқот яке аз ҷавонписарони тоҷик ба Эмомалӣ Раҳмон гуфт, ки аз оилаи камбизоат мебошад ва наметавонад пули шартномаро пардозаду таҳсилашро идома диҳад. Ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон вайро итминон дод, ки нигарон набошад, зеро то анҷоми таҳсил пардохти маблағи ӯро аз буҷаи мамлакат мепардозад.

Ҷавонони зиёд низ ба суханбаромада, масъалаҳоеро матраҳ намуданд, ки дар мусофират онҳоро азият медиҳад. Ҷаноби Эмомалӣ Раҳмон онҳоро дилпур кунониданд, ки дар ҳамкорӣ бо раҳбарони Ҷумҳурии Қирғизистон ҳамаи мушкилоти ҷойдоштаро ҳал мекунанд.

Баъдан, ба нафаре аз ёрдамчиёнашон амре доданд, ки маро қоил кард. Бо дастури эшон ба шаш аъзои раёсати Иттиҳодияи тоҷикони Қирғизистон дусаддоллари ва ба ҳамаи донишҷӯён саддолларӣ аз номи муҳтарам Пешвои миллат тақсим карда шуд. Бори аввал медидам, ки сарвари давлат дар кишвари дигар ҳамватанони ҷавонашро ин гуна хурсанд мекунад ва онҳоро ин гуна иқдом бисёр хурсанд кард.

Вақте ки мулоқот ба фарҷом расид, раисиҷумҳури Тоҷикистон эълон кард, ки меҳмонону донишҷӯёни тоҷикистонӣ ҳеҷ ҷо нараванд ва ҳама дар берун якҷоя сурат мегиранд. Донишҷӯён хурсандона гуррос зада аз толор берун шуданд.

Ёдовар мешавам, ки вақти таҳсил дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон устоди шодравонамон профессор Воҳид Асрорӣ мегуфтанд: "Агар журналисти ҳақиқӣ мешавам гӯед, нахал шавед, фаҳмидед!". Маҳз ҳамин ҳарфҳои устодро ҳамеша сарманшаъи кори худ қарор додаам, барои ҳамин тавонистам, ки дар нишастҳои хабарӣ ба нахустин президенти Ӯзбекистон Ислом Каримов 21-22 бор савол диҳам. Инчунин бо раисиҷумҳури собиқи қирғиз Қурмонбек Боқиев чаҳор саволро матраҳ кунам ва посух гирам.

Президенти Тоҷикистон бо Абдухалим Раҳимҷонов ва аъзои раёсати Созмони тоҷикон гапзанон азми берун баромадан доштанд. Бо истифода аз фурсат аз президенти Тоҷикистон хоҳиш кардам, ки ба чанд суолам посух гирам. Ин дам ду муҳофизи ӯ омада хостанд, ки маро аз наздаш дур кунанд. Аммо Эмомалӣ Раҳмон ба муҳофизон ишора кард, ки моро танҳо гузоранд.

Дар ин суҳбат аз мақсаду натиҷаҳои сафари ӯ ба Қирғизистон, дидору гуфтугӯҳояш бо президент Қурмонбек Боқиев, мулоқотҳояш бо доираҳои соҳибкории ин кишвар, ҳамчунин роҷеъ ба интегратсияи иқтисодии кишварҳои Осиёи Марказӣ суолҳо додам. Аз ин бӯстонсаро танҳо як акс ҳамчун хотира боқӣ мондааст, ки он бароям ҳамеша боиси ифтихор мебошад.

**ДАР БОРАИ САМИМИЯТ ВА ХОКСОРИИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БОРҲО МЕШУНИДАМ, АММО ҲОДИСАЕ, КИ ДАР БӮСТОНСАРОИ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН, ВОҚЕЪ ДАР СОҲИЛИ БАҲРИ ТОҶИК РУХ ДОД, БАРОИ МАН ҒАЙРИИНТИЗОР БУД...**

*Дидори чорум*

## ХОКСОРИИ ПРЕЗИДЕНТ

Дар бораи самимият ва хоксории Эмомалӣ Раҳмон борҳо мешунидам, аммо ҳодисае, ки дар бӯстонсарои Президенти Тоҷикистон, воқеъ дар соҳили Баҳри тоҷик рух дод, бори дигар собит намуд, ки эшон бо атрофиён самимӣ ва мисли дӯсту бародар суҳбат мекунанд. Ба шарафи 27 июн - Рӯзи Ваҳдат он ҷо зиёфате ороста гардид. Банда, раиси созмони тоҷикони Қирғизистон Равшанбек Собиров ва Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон Амриддини Кабир аз Қирғизистон ба ҳайси меҳмон даъват шуда будем. Он замон дар Қирғизистон дар баробари хабарнигори бахши тоҷикии радиои "Озодӣ" буданам, масъулияти чопи нашрияи Созмони тоҷикони Қирғизистон ба номи устод Рӯдакӣ - "Паёми Ала-Тоо"-ро низ бар дӯш доштам.

Рӯзи аввал, баъди тамошои шаҳри Хуҷанд, моро ба иди зардолу даъват карданд, ки дар яке аз минтақаҳои наздишаҳрӣ баргузор шуд. Он ҷо одами зиёд омадаву ҷои сӯзанзанӣ набуд. Вақте ки вориди намоишгоҳи иди зардолу мешудем, чанд мошин пасу пеш омаданд ва дар назди дарвозаи намоишгоҳ қарор гирифтанд. Аз мошин Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон берун шуд. Эшон бидуни он ки вориди намоишгоҳ шавад, ба назди одамони канори роҳ, ки барои истиқболи ӯ қатор меистоданд рафт ва бо чанде аз онҳо даст дода воҳӯрӣ кард. Ёдам омад, ки он замон дар Ӯзбекистон вазъият комилан дигар хел буд. Иттифоқе нааҷоддааст, ки ягон бор Ислом Каримов ба одамоне наздик шавад, ки аз дастгоҳҳои махсуси амниятӣ нагузаштаанд.

Ин манзараи дилфиребро то охир тамошо кардам. Сонӣ, Эмомалӣ Раҳмон вориди намоишгоҳ шуд ва растаи зардолухоро тамошокунон бо ину он суҳбат намуд. Ин суҳбатҳо бидуни таоруфи хос сурат мегирифт ва соҳибкор гӯё бо шахси оддие суҳбат мекард.

Баъди намоиши зардолу моро ба бӯстонсарои назди Баҳри тоҷик даъват карданд. Рӯи мизи қатор чидашуда тамоми анвоъи хӯрока ва меваҳои тару тоза гузошта буданд. Як мизи мудаввар дар пештоқи толор меистод, ки рӯи он низ аз анвои хӯрданӣ пур буд. Якбора Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон вориди толор шуд. Ҳама бо арзи эҳтиром аз ҷой хестем ва эшонро гарму ҷӯшон истиқбол гирифтем. Ҷаноби Олӣ ба яке аз курсиҳои ҳамон мизи мудаввар нишаста ва ҳамон лаҳза:

- Акаи Муъминшо, магар худам танҳо мешинам?,- гӯён бо хандаву табассум устод Муъмин Қаноатро ба гирди ин миз хонд.

Баъд боз чаҳор-панҷ нафари дигар низ бо даъвати Ҷаноби Олӣ гирди ҳамон миз рафта нишастанд.

Эмомалӣ Раҳмон дар бораи он нақл кард, ки барои мардуми Тоҷикистон Ваҳдат чӣ гуна ба даст омадааст. Баъдан Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз дидору мулоқотҳояш бо мухолифин, сарони кишварҳои ҳамсоя, ҳатари порошавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва расидан ба сулҳи деринтизор хотираҳои ҷолиб нақл карда, таъкид намуд, ки барои мардуми Тоҷикистон сулҳу Ваҳдат арзиши муҳимтарин ва муқаддастарин бояд бошад ва ҳамагон бояд барои пойдории он талош кунанд.

Ин суҳбатҳо таваҷҷуҳи маро нисбат ба Эмомалӣ Раҳмон дубора афзун намуд. Ман ба ҷунин мардиву нотарсӣ ва ҷасорату тавонии ин сарвари боғуруи тоҷик, Пешвои миллат қоил мондам. Ҳамон лаҳзаҳо бештар дарк намудам, ки пешрафту муваффақиятҳои Тоҷикистон ва барқарории сулҳу субот аз кучо маншаъ гирифтааст!

Ҷаноби Олӣ баъди чанд лаҳзаи суҳбат мутаваҷҷеҳ шуданд, ки ҳама ба суҳбатҳои эшон гӯш дода, даст ҷониби дастурхон намебаранд.

- Гап ин хел, азизон. Касе касеро ба хӯрдану нӯшидан даъват намекунад. Ҳамаи ин нозу неъмат, ки рӯи миз гузоштаанд, барои мову шумост. Нӯши ҷон кунед. Касе майл дорад, шишаҳоро ҳам кушоеду нӯши ҷон кунед. Имрӯз Тоҷикистони азиз ва мардуми мо ид дорад, Иди Ваҳдат! Касе ба касе сухан низ намедиҳад. Ҳар кас хоста бошад, ба байн бароядва ҳарчи гуфтан ё шеър хондан мехоҳад, марҳамат!,- гуфт ба ҳозирини ин зиёфат Эмомалӣ Раҳмон.

Сонӣ худ "Бисмиллоҳ" гуфта, ба хӯрдан оғоз кард. Дигарон ҳам ба хӯрдану нӯшидан пардохтанд.

Аввалин шуда шоираи шинохта Зулфия Атоӣ ба байн баромад ва ҳамаро бо иди Ваҳдат табрик гуфту чанд шеъри тозаашро ба самъи ҳозирин ҳавола намуд. Баъди вай боз чанд адиби дигар баромада сухан гуфтанду шеърҳо хонданд.

Вақте майдон як лаҳза холӣ монд, Эмомалӣ Раҳмон гуфт:

- Амриддин, намебаройӣ, ягон сурудмон биҳонӣ?

- Ҷаноби Олӣ, охир, торама наовардаам,- гуфт аз ин даъвати ногаҳонии Эмомалӣ Раҳмон андак саросема шуда Амриддини Кабир.

- Ликобчара гиру биҳон. Табиӣ мебарояд ва мо туро дастгирӣ мекунем,- гуфт Ҷаноби Олӣ ӯро ба миёнаи давра хонда.

Амриддин аз ҷой хесту ба байн баромад.

- Як суруд меҳонам, шунавандаҳои аввалаш шумо ҳастед,- гуфт Амриддини Кабир ва бо ликобча як суруд хонд.

Дарвокеъ, матлааш иди Ваҳдат ва сулҳ дар Тоҷикистонро тараннум мекард. Ҳозирини зиёфат бо шавқи том ин сурудиӯро гӯш карданд ва бо кафкӯбӣ аз он истиқбол намуданд.

Мо ба иди Ваҳдат шумораи идонаи "Паёми Ала-Тоо"-ро нашр карда оварда будем. Аммо зиёд афсӯс меҳӯрдам, ки як даста аз ин шумора ба ин ҷо наовардаам. Метавонистам онро гирифта бароям Президенти муҳтарам ва ҷамъи ҳозиринро бо идашон табрик кунам ва якто аз ҳамон нусхаи рӯзномаамон ба ҳайси шумораи идона тақдим намоям.

Зиёфат хеле хубу хотирмон гузашт. Ҳама аз ҷо хеста, Президентро бо карсак ва эҳтироми хос аз толор гусел кардем. Шоми ҳамон рӯз дар варзишгоҳи марказии шаҳри Хуҷанд бо ширкати Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҷашни бузург баргузор гардид. Мо бо таассуроти олӣ аз Хуҷанд озими шаҳри Бишкек шудем...

Дар охир ба ин нукта таъкид карданиам, ки худро журналисти тоҷики хеле хушбахт мешуморам. Зеро анҷом додани се суҳбати ихтисосӣ бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва як бор нишастан дар зиёфате бо эшон муяссарам гаштааст.

**Мирасрори ФАРҒОНӢ,**
**Узви иттифоқи журналистони Ӯзбекистон,**
**Барандаи Ҷоизаи "Қаламӣ тилоӣ", Ҷоизаи ба номи Девид Бурк (ИМА) ва Ордени"Дӯстӣ"**

**АЗ ИДОРА:**

*30-юми январ донишманди маъруфи тоҷик, профессор Сафар Абдуллоҳ 70-сола шуд.*

*Номбурда пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) фаъолияти илмиашро соли 1978 дар Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АИ Тоҷикистон шуруъ намуда, соли 1979 дар Пажӯҳишгоҳи адабиёти ба номи Горкий (Маскав) ба коромӯзӣ пардохта, аспирантураро (1981-1984) дар ҳамин пажӯҳишгоҳ сипарӣ намудааст ва дар мавзӯи «Суннатҳои эпикӣ дар шеъри муосири тоҷик» рисолаи номзадӣ дифоъ кардааст. Солҳои 1981-1991 муаллими Институти адабиёти ҷаҳонии ба номи Горкий ва ходими калони илмии Пажӯҳишгоҳи забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва баъдан Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ Тоҷикистон будааст.*

*Дар оғози солҳои 90-ум ба Қазоқистон ҳиҷрат намуда, аз соли 1993 корманди Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ Ҷумҳурии Қазоқистон ва ҳамзамон, профессори Донишгоҳи равобити байналмилалӣ ва забонҳои ҷаҳони Қазоқистон ба номи Абилайхон мебошад.*

*Соли 2007 дар Алмаато фаслномаи илмии «Эроннома»-ро таъсис дод. Таҳаввули шеъри муосири тоҷикӣ, суннату навоварӣ дар шеър, танқиди адабӣ, равобити адабӣ ва фарҳангии эрониён бо кишварҳои ҳамҷавор, бахусус, туркитаборон, забони форсӣ ва нақши он дар густариши фарҳанг дар Шарқи асрҳои миёна муҳимтарин мавзӯоти таҳқиқоти ӯ мебошанд. Роҷеъ ба ин мавзӯъҳо наздик ба 500 мақола ва гузоришҳои илмӣ навиштааст, ки дар Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Қазоқистон ва Русия ба табъ расидаанд. Муаллиф ва мураттиби китобҳои «Нури сухан», «Магические мосты», «Шаранги андӯҳ», "Рӯшноии сухан", "Магия солва", «Марсияи Хуршед», «Магия Навруза», «Историко-культурные связи Ирана и Дашт-и-Кипчака», «Фарҳанги тахассусии форсӣ ба русӣ», "Суфизм в Иране и Центральной Азии" (2006), "Бӯе зи Мӯлиён"ва ғайра мебошад. Ӯ ҳамчунин, таҳиякунандаи Куллиёти осори шоири маъруфи қазоқ Олжас Сулаймонов (дар 8 ҷилд) ва муаллифи сарсухани муфассали он мебошад.*

*Маҷмӯаи ашъораш тахти унвони "Захри ғурбат" дар Кобул ба табъ расидааст.*




# ШОИРИ МЕҲРУ ДАРДҲОИ ВАТАН

Дар қаламрави забон ва адаби форсии тоҷикӣ шеър ва нақд аз ибтидо бо ҳам буданд. Бархе аз шоиронамон нақд мекарданду тоифае аз нокидонамон шеър мегуфтанд.

Шоироне, ки бо нақд машғул шудаанду ноқидоне, ки шеър гуфтаанд, аз се тоифа иборатанд:

1. Шоирони нокид, монанди Рашиди Ватвот, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Маликушшуаро Баҳор, Садриддин Айнӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Абдусалом Деҳотӣ, Алиризо Қазва, Муҳаммадалии Аҷамӣ, Салими Зарафшонӣ, Сураё Ҳакимова, Дишодаи Фарходзод ва дигарон.

2. Нокидони шоир, аз қабили Давлатшоҳи Самарқандӣ, Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ, Баҳром Сирус, Абдулқаюми Қавим, Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ, Нуралии Нурзод, Салими Хатлонӣ, Баҳром Мирсаидов, Муҳриддин Сабурӣ ва дигарон.

3. Онҳое, ки ҳам шоири нокид ва ҳам нокиди шоир ҳастанд, чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулназар, Камол Насрулло, Фарзона, Муҳаммад Шафеъии Кадканӣ, Аскар Ҳаким, Низом Қосим, Ато Мирхоҷа, Умриддини Нӯшин, Нуралии Нурзод, Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Илҳом Эшонзодаи Насафӣ, Баҳроми Раҳматзод ва дигарон.

Агар дар фаъолияти офаринишии намояндагони тоифаи аввал шеърашон беҳтар аз нақдашон мебошад, нақди тоифаи дувум беҳтар аз шеърашон аст. Аммо онҳое, ки шоири нокид ва нокиди шоир ҳастанд, ҳам шеър ва ҳам нақдашон нағз аст.

Сафар Абдуллоҳ ҳам нокиди хуб ва ҳам шоири хуб мебошад. Агар нақд ва таълифоти адабиётшиносиаш ба аҳли илму адаби тоҷик ва хориҷ ошно буд, аз шеър гуфтани ӯ кам касоне хабар доштанд. Камина вақте ки аз шеър гуфтанаш огоҳ гардидам ва бо намунаҳои он ошно шудам, солҳо пеш маслиҳат дода будам, ки онҳоро дар маҷмӯае гирд оварад ва ба чоп бикунад. Ӯ розӣ шуда буд, вале солҳо мегузаштанду ҷуръат намекард, ки онҳоро нашр намояд. Сабаби аслиаш дар он буд, ки вай нисбат ба шеъру шоирӣ серталаб ва сахтгир аст ва барояш меъёри асосӣ, пеш аз ҳама, осори шоирони бузурги гузашта ва муосири адабиёти форсии тоҷикӣ буд. Ниҳоят, бо гузашти солиёни дароз чанд сол пештар ҷуръат намуд, ки намунаи шеърҳояшро дар саҳифаи интернетии худ бигузорад. Аз рӯйи ин намунаҳо порина бо кӯшиши адиби афғонистонӣ Исмоили Лашкарӣ маҷмӯаи нахустини шеърҳои Сафар Абдуллоҳ бо номи "Захри ғурбат" ба алифбои арабии форсиасос аз тарафи Гурӯҳи фарҳангии ҳамзабонон бо теъдоди 500 нусха ба табъ расид.

Сабаби асосии аз назари аксарияти аҳли адаб ва илми ҷумҳурӣ дур мондани фаъолияти шоирии Сафар Абдуллоҳ низ дар ҳамин мебошад. Зеро, аввалан, аз аҳли адаб ва илми тоҷик як теъдоди ками онҳо бо интернет ва сомонаҳои интернетӣ ошноӣ доранд. Сониян, ҳанӯз ҳам аксарияти кулли онҳо ба намунаи шеърҳое, ки аз тариқи сомонаҳои интернетӣ пахш мегарданд, бо шакку шубҳа менигаранд ва онҳоро "адабиёти ғайрирасмӣ" мешуморанд.

Мавзуҳои мехварии шеъри Сафар Абдуллоҳ инҳоянд: ишқ ба Ватане, ки аз он ба иллати бӯҳламуниҳои замонааш - фоҷеаи солҳо, 90-ум дур аз ёру диёр афтода; меҳр ба ёре, ки аз ӯ дур дар Ватан монда; ёди падару модар ва бузургони илму адаби миллат, ки марги нобаҳангом онҳоро рабуд; баёни ҳоли хеш ва гузашти умр; ёди айёми ҷавонию рафтани он ва фаро расидани даврони пирӣ ва ғ.

Чизе, ки ин мавзуҳои гуногунро дар шеъри шоир ба ҳам пайвастааст, баёни дард аст: дарду аламе, ки бар асари воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта ба сари Ватани азизаш ва мардумони он тамоми балоҳои осмонию заминӣ фурӯ рехтанд; дарде, ки ӯро аз падару модар, наздиконаш, дӯстонаш, ёри ягонааш ҷудо кард; дарди ҳиҷрат, ки дар мулки бегона ба сар мебарад; дарду аламе, ки умри азизашро дар ғурбат мегузаронад ва ғ. Барои ӯ дарди Ватан "дарди гарони миллат" ва худаш аст, ки аз ин дард синаи оташфишон дорад, онро, ба гуфтаи худаш, фаромӯш нахоҳад кард ва ба гӯр хоҳад бурд:

*Афсӯс дардат, эй Ватан,*
*дарди гарони миллат аст,*
*Ин дарси худнашносӣ аст,*
*дидӣ чи ваҳмангез шуд!*
*Бо ин ҳама, як лаҳзае,*
*бе ёди покат нестам,*
*То аз ту ғуфтам ин ғазал,*
*дардам дубора тез шуд.*

***

*Ман дарди туро ба гӯр*
*хоҳам бурдан,*
*Дил бар наканам зи ту,*
*магар то мурдан.*

Дар шеъри Сафар Абдуллоҳ дарди Ватан танҳо ишора ва ё зикр нагардидааст, балки бозтоби шоирона ёфтааст. Чунончи дар байтҳои зер:

*Ман ин ҷо зодаам, эй дӯст,*
*ин ҷо реша дар хокам*
*В-аз инҷо меравад ҷони*
*гиромӣ сӯйи афлокам.*
*Агар вайрона ё ободӣ,*
*ё дар банди истибдод,*
*Ман ин вайронаро дорам,*
*ки бо ёдаш тарабнокам...*
*Ман ин ҷо зодаам, ин ҷо*
*муҳаббат дидаам, эй дӯст,*
*Ҳам ин ҷо сар ниҳам, ин ҷо,*
*ки бошад модари покам.*

Шоир вақте ки аз Ватан, аз Тоҷикистон сухан мекунад, ҳамеша таъкид мекунад, ки барои ӯ ин мафҳум тавъам бо сарзамини таърихии тоҷикон - Самарқанду Бухоро, Ҳироту Балх, Нишопур, Шерозу Табрезу Ҳамадон, Кобулу Панҷшер, Хуросони бузург, Эрони таърихӣ мебошад:

*Тоҷикистони ман,*
*эй пораи Эрони бузург!*
*Хиттаи Суғду Хуросон*
*ҳама даргоҳи ман аст.*

Барои Сафар Абдуллоҳ мафҳуми Ватан густурдатар буда, бо ҷуғрофиёи бекарони забони порсӣ ҳаммаъност:

*Меҳанам ҷуғрофиёи*
*бекарони порсист,*
*Аҳли Эрону Хуросон,*
*Тоҷикистон нестам!*

Ватан дар тасаввури шоиронаи Сафар Абдуллоҳ на танҳо сарзамини таърихӣ, балки бузургони илму адаби он - Рӯдакию Фирдавсӣ, Синою Хайём, Саъдию Ҳофиз, Мавлоною Пири Ҳирот, Нимо Юшиҷ, Айнию Турсунзода, Қаноату Лоиқ, Бозору Гулназар, Бахманёр ва осори мондагори онҳо, амир Исмоили Сомониву Аҳмадшоҳи Масъуд ва корномаҳояшон мебошанд. Чунонки мегӯяд:

*Ватан ҳам Рӯдакию*
*Саъдии мост,*
*Нахустустоду пири*
*баъдии мост.*
*Ватан девони Ҳофиз,*
*ринди Шероз,*
*Паёмаш раҳнамои*
*роҳи фардост.*

Дурӣ аз Ватан ғаму дарду ҳасрати шоирро аз дурии ёраш низ шиддат бахшидааст. Чунончи:

*Дардо, ки зи дидори*
*дилороми ту дурам,*
*Муштоқ чунонам,*
*ки пур аз шавқи ҳузурам.*
*Дур аз туву аз хешу*
*табор аз Ватанам, оҳ,*
*Молад ба кафи пил дар*
*ин ҳодиса мӯрам.*
*Безорам аз ин шаҳри пур*
*аз ояти ғурбат,*
*Аз дидани ҳар чиз, ба ҷуз*
*рӯи ту, кӯрам!*
*Ҳар лаҳза ба ёди Ватанам*
*метапад ин дил,*
*Бе ёди Ватан зинда куҷо?*
*Зиндабагӯрам!*
*Эй мояи ҳастии ману*
*хатту нишонам,*
*Бо ишқи ту ман фарри*
*Каён, матлаи нурам.*
*Гар қиссаи пурғуссаи*
*худро ба ту гӯям,*
*Тарсам, ки ба поён*
*нарасад қиссаи шӯрам...*

Бо ҳама сахтиҳои дурӣ аз ёру диёр ва азобу укубути зиндагӣ дар ғурбат, тавре ки шоир мегӯяд, вай пеши касе сар хам накардааст, ёру мададгори ӯ ёди ёру ёди Ватанаш будаанд.

**(Давомаш дар саҳ. 13)**

# ДАР ЗИНДОНИ ВАҲДАТ ЧӢ ГУЗАШТ?

**3-юми феврал соати 15:44 дар зиндони маъруф ба "Кирпичний" ё муассисаи ислоҳии №3/2 дар шаҳри Ваҳдат ошӯб сар задааст, ки дар натиҷа 3 маҳбус кушта ва 3 нигаҳбони муассиса захмӣ шудаанд. Дар ин бора хабаргузории "Ховар" бо такя ба маркази матбуоти Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия хабар медиҳад.**



Дар хабарнома омадааст, ки 9 маҳбус бо асбобҳои худсохти халандаю буранда ба кормандони масъул - нигаҳбонҳои муассисаи ислоҳӣ "ҳуҷуми ҳалокатовар кардаанд".

"Дар натиҷаи ҳамла 3 нафар корманд, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматии хеш машғул буданд, ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ бардоштанд",- зикр мешавад дар хабар.

Ба гуфтаи манбаъ, маҳбусон ба талаботи қонунии маъмурияти муассиса итоат накарда, "аъмоли ҷиноятқоронаи худро бидуни даъвою шартгузорӣ давом доданд ва талош карданд, ки сарбозони ҳифзатии муассисаро ба қатл расонида, фирор намоянд".

Дар натиҷа муҳофизон маҷбур шудаанд, ки муқобили маҳбусон аз силоҳи оташфишон истифода кунанд, ки дар натиҷа, "3 ҷиноятқор безарар ва боқимондаи онҳо дастгир карда шуданд".

Ба захмиҳо ёрии сарибақтии тиббӣ расонида шуда, вазъи саломатии онҳо муътадил арзёбӣ мегардад.

Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мегӯяд, ки ҳоло "низоми нигаҳдошт ва ҳимояи муассиса пурра барқарор гардид".

Мақомоти кишвар дар робита ба ин қазия хабари дигаре надоданд. Радиои "Озодӣ" менависад, ки дар натиҷаи ин ошӯб чанд нигаҳбони зиндон, аз ҷумла роҳбари тозатаъйини зиндони шаҳри Ваҳдат ва муовинаш захмӣ шудаанд.

Ёдовар мешавем, ки ин аввалин ҳодисаи ошӯб дар муассисаи ислоҳии шаҳри Ваҳдат нест. Аз ҷумла, шоми 19-уми майи соли 2019 дар ҳамин муассиса ошӯб бархоста буд. 30 маҳбус бо корду асбобҳои бурандаю халанда се корманди муассисаро гаравгон гирифта ва онҳоро куштанд. Ҳамчунин, бо мақсади тарсонидан панҷ маҳкумшударо низ ба қатл расониданд.

Кормандони сохторҳои қудратӣ ин ошӯбро саркӯб ва саркардагони онро безарар гардонида буданд.

# КОҲИШИ НАШЪАМАНДӢ

## ва нигаронӣ аз маводи мухаддири синтетикӣ



*Самад ЗАФАР,*
*раиси Агентии мубориза бо маводи мухаддир*

**Соли 2024 миқдори маводи психотропии мусодирашуда дар кишвар тақрибан ду баробар ва маводи мухаддири синтетикӣ зиёда аз се баробар афзоиш ёфтааст. Дар ин бора Самад Зафар, раиси Агентии мубориза бо маводи мухаддири Тоҷикистон 3-юми феврал зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.**

### ҚОЧОҚ АЗ АФҒОНИСТОН

Ба гуфти Самад Зафар, аксари маводи мухаддир аз Афғонистон ба қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуда, бештар байни ҷавонон паҳн мегардад.

Ба гуфти роҳбари агентӣ, дар соли 2024, сарфи назар аз коҳиши умумии ҳаҷми маводи мухаддири мусодирашуда, миқдори маводи психотропӣ қариб ду баробар ва маводи мухаддири синтетикӣ зиёда аз се баробар афзуд.

### КОҲИШИ НАШЪАМАНДӢ

Раиси Агентии мубориза бо маводи мухаддири Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ гуфт, айни замон дар Тоҷикистон 4014 нашъаманд ба қайд гирифта шудааст, ки нисбат ба соли 2023 (4160 нафар) 146 нафар ё 3,5% камтар мебошад. Аз ин шумора 110 нафарро занон ташкил медиҳанд.

Тибқи маълумоти ӯ, дар кишвар ба ҳар 100 ҳазор нафар аҳолӣ 40,1 нашъаманд рост меояд.

Ба гуфти Самад Зафар, онҳо барои коҳиши нашъамандӣ ва тарғиби тарзи ҳаёти солим чорабиниҳои зиёд доир мекунанд.

"Соли 2024 дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои тиббӣ ва ниҳодҳои давлатӣ мо 2248 воҳӯрӣ, 178 семинари омӯзишӣ ва 66 мизи гирд ташкил кардем. Ҳамчунин, 2519 чорабинии фарҳангӣ ва варзишии оммавӣ барои қишрҳои гуногуни ҷомеа баргузор намудем",- изҳор дошт ӯ.

### КОҲИШИ ҶИНОЯТИ МАРБУТ БА МАВОДИ МУХАДДИР

Ҳамчунин, тибқи маълумоти роҳбари Агентӣ, соли 2024 дар Тоҷикистон 839 ҷинояти марбут ба маводи мухаддир сабт шудааст, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 140 ҳолат ё 20% бештар мебошад.



Зафар Самад гуфт, ки ин 3,8% аз шумораи умумии ҷиноятҳоро ташкил медиҳад.

Ҳамагӣ дар соли 2024 дар кишвар 22 314 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин нисбат ба соли гузашта (21 319 ҷиноят) 995 ҳолат зиёдтар мебошад.

Муфаттишони агентӣ 171 парвандаи ҷиноятӣ боз карда, 85 парвандаро нисбати 138 нафар ба додгоҳ ирсол кардаанд.

Ҳамчунин, дар соли 2024 аз ҷониби тамоми сохторҳои қудратии Тоҷикистон беш аз 4,3 тонна маводи мухаддир мусодира шудааст, ки ин нисбат ба соли 2023-юм 17% ё тақрибан 901,5 кг камтар мебошад.

Ба гуфтаи Зафар Самад, дар соли 2024-ум 504,4 кг маводи мухаддир аз муомилот гирифта шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 2% бештар аст.

Сарфи назар аз коҳиши умумии мусодираи маводи мухаддир, миқдори маводи психотропии мусодирашуда 59 кг афзуда, ба 110 кг расид. Ҳамчунин, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ 17,87 ҳазор ҳабҳои маводи мухаддири синтетикӣ мусодира карданд, ки ин 13,67 ҳазор бештар нисбат ба соли 2023 мебошад.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Соли гузашта дар Тоҷикистон беш аз 1 миллиону 11 ҳазору 801 кг маҳсулоти гуногуни хӯроквории бесифат ошкор шуд. Дар ин бора Темурҷон Абдулваҳобзода, директори Агентии "Тоҷикстандарт" иттилоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, 889 ҳазору 309 килограмми ин маҳсулот аз ҷиҳати бехатарӣ ба 122 ҳазору 492 килограмми дигар аз рӯи тамғагузорӣ ба талабот ҷавобгӯ набуданд. Ҳамчунин, Темурҷон Абдулваҳобзода гуфт, ки аз моҳи майи соли 2020 воридоти равғани нахл ба Ҷумҳурӣ манъ аст. Дар идомаи нишаст масъулини ин ниҳод аз эълони мораторияи навбатӣ истиқбол карданд.



**Соли гузашта 4 шаҳрванди Тоҷикистон ҳангоми адои маносики Ҳаҷ дар Арабистони Саудӣ фавтиданд. Тибқи қоидаҳои байналмилалӣ онҳо дар макони вафот ба хок супорида шуданд.**

Дар ин бора Сулаймон Давлатзода, раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Гуфта шуд, ки арзиши сафари сокинони Тоҷикистон барои ҳаҷи фарзӣ соли гузашта 57 ҳазор сомонӣ муқаррар шуда буд. Ин нарх бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Тоҷикистон мувофиқа шудааст.



**Соли гузашта дар Тоҷикистон 639 офати табиӣ рух додааст, ки дар натиҷа, 17 нафар ҷони худро аз даст доданд. Дар ин бора Рачабалӣ Раҳмоналӣ, раиси Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Тоҷикистон дар нишасти хабарӣ иттиллоъ дод.**

Ба гуфтаи ӯ, дар соли 2024-ум 17 нафар дар натиҷаи 13 ҳодиса ба ҳалокат расидаанд. Дар соли 2023 дар пайи 12 ҳодиса 51 нафар ҷони худро аз даст дода буданд. Ӯ зикр кард, ки аз шумораи умумии офатҳои табиӣ танҳо 50 ҳолат зарари моддӣ расонидааст, ки маблағи он 161 миллиону 50 ҳазору 100 сомониро ташкил медиҳад.

# 7 РОҲИ МУБОРИЗА БО ЗУКОМ ДАР ШАРОИТИ ХОНА

**Маъмулан, ҳангоми баланду паст шудани ҳарорати ҳаво дар фасли зимистон одамон тез-тез шамол кашида, ба зуком гирифтор мешаванд. Имрӯз мо дар боби давоҳои халқӣ маълумот медиҳем, ки барои аз шамолкашӣ раҳоӣ ёфтан ёрӣ мерасонанд.**



1. Ҳангоми зуком нӯшидани асалчой бо лимӯ хеле муфид мебошад. Лимӯ антибиотики беҳтарин буда, пӯсти он равғанҳои эфир зиёд дорад, дар мубориза бо вирусҳо ёрӣ мерасонад. Асал бошад, дар мубориза бо шамолкашӣ таъсири хеле қавӣ дорад. Нӯшидани асалчой ба шахси зукомшуда қуввату дармон бахшида, масунияти баданро мустаҳкам гардонида, вараму балғамҳоро шифо медиҳад.

2. Ҳангоми ба зуком гирифтор шудан мураббои олуча, марминҷон ва қулфинай ҳам бисёр фоиданоканд. Махсусан, мураббои марминҷон барои осон бартараф кардани гулӯдард ва варами роҳҳои нафас хеле муфид аст.

3. Зуком шуда бошед, пеш аз хоб пойҳоятонро ақаллан 15-20 дақиқа дар оби гарм бо бобуна (ромашка) нигоҳ доред. Инчунин, нӯшидани бобуначой ҳам гулӯдардро бартараф мекунад, ҳам ба варами шикаму ланҷии бадан фоида дорад.

4. Ҳангоми зуком ба бинӣ ва чаккаҳои саратон малҳами “Золотая звезда” молед. Малҳами “Ситораи тилоӣ” таъсири қавӣ мерасонад, зеро дар таркибаш равғанҳои эфирӣ, ба мисоли эвкалипт, левоментол, кофур (камфора), равғани пудинаи саҳроӣ, равғани қаланфур (гвоздика), равғани хардали чинӣ (китайская горчица) дорад. Ин малҳамро аз тамоми дорухонаҳои ҷумҳурӣ пайдо ва дастрас карда метавонед.

5. Ба шахсоне, ки ба зуком гирифтор гаштаанд, нӯшидани оби хуч тавсия дода мешавад. Хуч аз витамини С бой буда, барои мубориза бо ҳама гуна бемориҳо, аз ҷумла зуком ёрӣ мерасонад.

6. Ҳангоми гирифтор шудан ба зуком биниатонро бо намакоб шӯйед, ҳамчунин бо намакоб гулӯро ғарғара намоед. Барои нест кардани микробҳо ва бартараф кардани варами димоғ ва гулӯ, инчунин роҳҳои нафас ва шуш хеле таъсири оличаноб дорад.

7. Дуди сипанд низ дар мубориза бо зуком ва шамолхӯрӣ давои хуб нишон додааст. Ҳазориспанд, ё сипандро дуд карда, нафас кашидан ва хонаро дуд кардан микробу вирусҳоро нест мекунад.

# ТАБОБАТ БО ОБ

**Ҳар саҳар баъди бедор шудан 4 истакон (800 мл) оби ширгармро ба дили наҳор нӯшед. Баъди нӯшидани он то 45 дақиқа таом истеъмол накунед.**

Давоми рӯз пеш аз истеъмоли ҳар гуна таом давоми ду соат 4 истакон оби ширгарм нӯшед. Дар аввал дар нӯшидани об азият мекашед, вале баъди 4-5 рӯз одат мекунед.



**Дар зер давомнокии муолиҷа бо об барои беморони зерин тавсия шудааст:**

*› давои касалиҳои диабети қанд (30 рӯз);*
*› бемороне, ки фишори хунашон баланд аст (30 рӯз);*
*› касалиҳои меъда (10 рӯз);*
*› барои табобати касалиҳои саратони гуногун (9 моҳ);*
*› касалиҳои сил, менингит (6 моҳ);*
*› қабзият, дарди шикам (10 рӯз);*
*› касалиҳои вобаста бо роҳҳои пешоб, гурда (10 рӯз);*
*› касалиҳои гӯш, гулӯ ва бинӣ (20 рӯз);*
*› бемориҳои гуногуни дил (30 рӯз);*
*› дарди сар (3 рӯз);*
*› камхунӣ (анемия) (30 рӯз);*
*› фарбеҳӣ (4 моҳ);*
*› фалаҷ, эпилепсия (9 моҳ);*
*› астма (4 моҳ).*

# ФОИДАҲОИ АФШУРАИ САБЗӢ

**Афшураи сабзӣ як нӯшокии серғизоест, ки калорияи паст дорад, аз ҷиҳати миқдори витамини табиии А (β-каротин) қаҳрамони байни нектарҳо мебошад. Дар баробари ин, маҳсулот аз калий, фосфор, магний ва оҳан бой аст.**



Афшураи сабзӣ ба як қатор бемориҳо фоида дорад. Он саломатиро қувват мебахшад ва беҳтар мекунад. Ҳангоми истеъмоли мунтазами афшура зеҳни биноӣ ва масуният зиёд мешавад, истеҳсоли гормонҳои ҷинсӣ ба эътидол меояд, қабати эпителиалӣ барқарор ва мубодилаи холестерин беҳтар мешавад.

Ҳангоми ворид шудан ин модда дар зери таъсири ферментҳои ҷигар ба витамини пурраи А мубаддал мешавад. Истеъмоли мунтазами як истакон афшураи сабзӣ системаи асабро қавӣ мегардонад, нишонаҳои стресс ва бехобиро коҳиш медиҳад. Барои занон дар давраи ҳомилагӣ аҳамияти хосса дорад.

Он аломатҳои поксикозро коҳиш медиҳад, кори рӯдаҳоро беҳтар мекунад, токсинҳоро хориҷ мекунад, тамоми узвҳои ҳозимаро шифо мебахшад, сӯзиши дилро бартараф мекунад ва бофтаи устухонро мустаҳкам мекунад. Шарбат ба камхунӣ муқобилат мекунад, неру мебахшад, ҳолати дандон, нохун ва мӯйҳоро беҳтар мекунад.

## Толеънома



***Ҳамал***
***21.03 - 20.04***

Дар ин ҳафта барои расидан ба мақсадҳоятон душворӣ мекашед. Ҳар қадаре истодагарӣ кунед, ҳамон андоза корҳоятон бебарор мешаванд. Нимаи аввали ҳафта дар оила нофаҳмиҳо имкон доранд. Кӯшиши рафъ кардану роҳи созиш ҷустанатон бефоида аст.



***Савр***
***21.04 - 21.05***

Барои беҳтар сохтани вазъи саломатии худ вақти бештар ҷудо намоед. Кору ташвишҳоятон зиёд шуда, боиси хастагиятон мегардад. Нимаи дуюми ҳафта, хусусан рӯзҳои истироҳат табъатон болида мегардад. Вақти бештари худро бо дӯстону ҳамфикрон гузаронед.



***Ҷавзо***
***22.05 - 21.06***

Нафарони оиладор бо мушкилоти фарзандон серташвишу асабӣ мешаванд. Агар шумо муҷаррад бошед, бо дӯстдоштаатон мунокиша мекунед. Нимаи дуюми ҳафта вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад. Дар ин рӯзҳо қарз додану қарз гирифтан мусоид аст.



***Саратон***
***22.06 - 23.07***

Аввали ҳафта дар оила нофаҳмӣ имкон дорад, хусусан байни калонсолон ва хурдсолони оила. Дар ин рӯзҳо ба меҳмонӣ рафтану ба хона даъват кардани меҳмонро тавсия намедиҳем. Бо душман ё рақиби худ вохӯрда, гапатон мегурезад.



***Асад***
***23.07 - 22.08***

Аввали ҳафта вазъи саломатии асадҳо нохуб мегардад. Дар ин рӯзҳо масуниятатон заиф гашта, бояд чораҳои пешгирикунанда бинед, то ки инфексияи вирусӣ нақапед. Либоси гарм пӯшида, шамол нахӯред. Бо шарики тиҷоратӣ ба ҳамдигарфаҳмӣ омаданатон душвор аст.



***Сунбула***
***23.08 - 22.09***

Аввали ҳафта дар сарф кардани маблағ боандеша рафтор намоед. Агар шумо фарзанд дошта бошед, аз мағозаи бозичаҳои кӯдакона дур гаштанро маслиҳат медиҳем. Дар ин рӯз тамоми чизҳои харидаатон нодаркору бесифат мешаванд.



***Мизон***
***25.09 - 22.10***

Аввали ҳафта рӯбучини пурраи хона ё таъмир карданро тавсия намедиҳем. Ин хусусан ба мизонҳое дахл дорад, ки бо аҳли оила якҷоя умр ба сар мебаранд. Дар акси ҳол бо наздикон мунокиша рух медиҳад. Шуморо дар танбалӣ гунаҳкор месозанд.



***Ақраб***
***23.10 - 22.11***

Аввали ҳафта ба гӯшатон овозаву буҳтон расида, табъатон хира мегардад. Дар маҷмуъ, ҳафта барои вохӯриву сафарҳо номусоид аст. Суҳбату вохӯриҳои муҳимро ба қисми дуюми ҳафта гузоред. Рӯзҳои истироҳат барои муносибатҳои ошиқона созгор аст.



***Қавс***
***25.11 - 21.12***

Аввали ҳафта вазъият ба фоидаи шумо ҳал мегардад. Аз рӯзи чоршанбе сар карда то рӯзи ҷумъа аз ҷангу мунокишаҳо худдорӣ намоед, вагарна вазъият душвор гашта, асабатон хароб мегардад. Худро ба даст гиред, айни замон ҷангу ҷанҷол кардан ба фоидаи шумо нест.



***Ҷаддӣ***
***22.12 - 20.11***

Аввали ҳафта табъи болидаву саломатии хуб кафолат дода мешавад. Бегоҳи рӯзи панҷшанбе натиҷаи камбудиву ғалатҳои худро мебинед. Рӯзи ҷумъа ва рӯзҳои истироҳат нақшаҳоятон тағйир ёфта, сафаратонро ба таъхир мегузоред.



***Далв***
***21.01 - 19.02***

То рӯзи ҷумъа саломатии худро эҳтиёт намоед, дар ин рӯзҳо ҷисматон ба бемориҳо тобовар аст. Рӯзи сешанбе барои истироҳату табобат имкони мусоид фароҳам меояд. Бегоҳи рӯзи панҷшанбе худро нотоб ҳис мекунед. Бо ягон кори хастакунанда машғул нашавед.



***Ҳут***
***20.02 - 20.03***

Аввали ҳафта табъи хуши шумо аз дигарон вобастагӣ дорад. Кӯшиш намоед дар атрофатон одамони дилсофу самимиро ҷамъ оваред. Аз рӯзи чоршанбе то ҷумъа гирифтори монеаҳо мегардед. Нафароне, ки бо варзиш машғуланд, дар ин рӯз аз машғулияти худ худдорӣ намоед.

МАВЛУДНОМА

**6 ФЕВРАЛ**

**Абдуғаффор Муллоҷонов** (1920-1973), 105-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Галина Пугаченкова** (1915-2007), 110-солагии зодрӯзи доктори илми санъатшиносӣ, профессор.

**Григорий Сербул** (1930-2010), 95-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**7 ФЕВРАЛ**

**Николай Миронов** (1870-1952), 155-солагии зодрӯзи мусиқишиноси рус, муҳаққиқи мусиқии тоҷикӣ.

**Миркарим Саидов** (1910-1940), 115-солагии зодрӯзи ҳунарманд ва коргардони театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**8 ФЕВРАЛ**

**Музаффар Дониёров** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Нурулло Исобоев** (1940), 85-солагии зодрӯзи журналист-суратгир.

**Арнолд Краус** (1905-1958), 120-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**- Рӯзи ҷаҳонии дандонпизишкон.**

**9 ФЕВРАЛ**

**Султон Замонов** (1905-1992), 120-солагии зодрӯзи арбоби хоҷагӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ.

**Ворис Мадаминов** (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ, профессор.

**10 ФЕВРАЛ**

**Даврон Ашӯров** (1940-2003), 85-солагии зодрӯзи арбоби ҷамъиятӣ, файласуф, журналист.

**Исматулло Файзиев** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

**Аъзами Ятим** (1950), 75-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

**11 ФЕВРАЛ**

**Бобоназари Бобохон** (1950), 75-солагии зодрӯзи донандаи забонҳои форсии миёна, тарҷумон.

**Саид Қурбонов** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Маҳмадёқуб Маҳмадюсуфов** (1915-1991), 110-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Сайфиддин Шералиев** (1940-2016), 85-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**12 ФЕВРАЛ**

**Нурулло Ивазов** (1945-2002), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология, профессор.

# ШОҲАСАР БО ЗАҲМАТИ АКАДЕМИК

**Чанде пеш бо ташаббуси академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Носирҷон Салимӣ китоби «Ҳазору як шаб» дар 5 ҷилд ба нашр расид. Ин асар шоҳкории беназири адабиёти ҷаҳонӣ маҳсуб шуда, бо фарогирии афсонаҳои гуногуни халқҳои Шарқ яке аз асарҳои муҳимтарини таърихии тамаддуни башарӣ дониста мешавад.**




«Ҳазору як шаб» борҳо ба забонҳои маъруфи ҷаҳон тарҷума шуда, дар қатори даҳ асари серхонандатарини дунё қарор гирифтааст. Созмони ЮНЕСКО соли 2004-ро соли «Ҳазору як шаб» эълон намуда буд, ки ин шаҳодати арзишмандии беназири ин асар мебошад.

Нашри навини «Ҳазору як шаб» бо заҳмати академик Носирҷон Салимӣ дар асоси муқобалаи чандин нусхаҳои литографӣ ва чопҳои пешина, аз ҷумла чопи нашриёти «Офтобак»-и Эрон (соли 1925) ва чопи Тоҷикистон (солҳои 1959-1964) сурат гирифтааст. Ин кор на танҳо баргардони оддӣ, балки тасҳеҳу такмили матнҳои аслӣ мебошад, ки он бо риояи меъёрҳои илмӣ ва завқи баланд анҷом пазируфтааст.

Хизматҳои академик Носирҷон Салимӣ дар таҳия ва нашри ин асари гаронбаҳо воқеан арзанда ва шоистаи таҳсинанд. Ӯ бо ҷидду ҷаҳди зиёд ба омӯзиши амиқи матни аслӣ, муқоисаи нусхаҳои гуногун ва тасҳеҳи ғалатҳои нашрҳои пешина пардохта, барои хонандагон матни комил ва саҳеҳро омода намудааст. Ин ҷонфидоии илмӣ ва меҳнати нодир собит менамояд, ки Носирҷон Салимӣ на танҳо як донишманди фидокор, балки муҳофизи арзишҳои адабии ҷаҳонӣ низ мебошад.

Мутаассифона, ин шоҳасари безавол бо теъдоди ниҳоят кам - ҳамагӣ 300 нусха ба чоп расидааст, ки ин боиси таассуф аст. Китобе, ки ин қадар арзишманд ва муҳим аст, бояд дар ҳар хонадони тоҷик мавҷуд бошад ва наслҳои оянда бо ганҷи маънавии ниёгон ошно гарданд. Бинобар ин, зарур аст, ки ниҳодҳои масъул барои чопи васеи он ва дастрасии бештар ба хонандагони тоҷик иқдом намоянд.

Нашри китоби «Ҳазору як шаб» бо ташаббуси академик Носирҷон Салимӣ на танҳо як дастоварди илмӣ, балки хизмати бузург ба фарҳанги тоҷик ва ҷаҳон маҳсуб мешавад. Умед аст, ки ин кӯшиши беназир идома ёфта, нусхаҳои бештаре аз ин асар ба хонандагон пешкаш гардад.

**Шариф ҲАМДАМПУР**

# ШОИРИ МЕҲРУ ДАРДҲОИ ВАТАН

**(Аввалаш дар саҳ. 10)**

*Гар ҳанӯзам ҳастаму*
*пеши касе сархам наям,*
*Ёди ту, ёди Ватан,*
*шукри Худо, ёрӣ кунад.*

Барои Сафар Абдуллоҳи донишманд, шоири ватанпараст ва зиёии асил зиндагӣ дар "ғарибхона" басо сахт мебошад. Чунончи:

*Дар ин диёри ғурбат,*
*бидуни ошно, ман*
*Нишаста дар ғами худ,*
*хамӯшу бесадо ман.*
*Чунон асирам, эй дӯст,*
*ки болу пар надорам,*
*Дар ин ғарибхона миёни*
*тангно ман!*
*На аз Ватан азизе дуруд*
*мефиристад,*
*Мазори бенишонам,*
*шабеҳи мурдаҳо ман.*
*Ватан, агарчи дурам,*
*ба ҷони ман қарибӣ,*
*Вале дар ин хароба*
*асири инзиво ман!*
*Ҳама вуҷудам аз туст,*
*сари суҷудам аз туст,*
*Ба ту суҷуд орам чу банда*
*бар Худо ман.*
*Ба ёди туст умрам,*
*бо номи туст мурдан,*
*Ба ду ҷаҳон нагардам*
*даме зи ту ҷудо ман.*
*Шаб асту абру танҳо,*
*ҳаво гирифта ин ҷо,*
*Ману хаёли Меҳан*
*ва ёди ёр бо ман.*
*Барои насли фардо,*
*Ватан, ту бош зебо,*
*Дили ман аз ғами ту*
*фигор шуд тамоман.*

"Сахтии ранҷи ҷудоӣ зи азизону ҳабибон", аз Ватан, ҳоли парешони он, вазъи нобасомони замона ва диёри таркида дар солҳои 90-уми асри XX, дурӣ аз падару модар, дили пора доштан аз ёди ёри ягона, зиндагӣ дар "ғурбатсаро", "гӯшаи ҳузн", "шаҳри дигарон", танҳоӣ, дилмондагӣ "зи кулли дунё", ҳолати "озодаи бехонумон", марги нобаҳангоми азизони миллат - Лоиқ (2000), Муъмин Қаноат (2018), Гулназар (2020) ва Бахманёр (2020) шоирро замоне ба олами яъсу ноумедиҳо кашондаанд.

Аз ин сабаб бисёре аз шеърҳои ӯро маҳзун гардондаанд ва муаллиф аз онҳо бо номи "шеъри танҳоии маҳзун" ёдовар шудааст.

Шоир, ки бар асари воқеаҳое, ки дар Ватанаш солҳои 90-ум ба вуҷуд омада буданд ва ӯ маҷбур шуда буд, ки тарки Ватан гӯяд ва тамоми талхиҳои дурӣ аз онро чашидааст, ба ҳамватанонаш маслиҳат додааст, ки бар ҳеҷ ваҷҳ онро тарк нанамоянд:

*Ватанро тарк гуфтан*
*коргар нест,*
*Ба осонӣ аз он рафтан*
*ҳунар нест.*
*Касе тарки Ватан*
*кардаст, донад,*
*Ки аз дурӣ ғаме*
*сӯзандатар нест.*

Шоир умед бар фардои неки Ватанаш ва миллаташ дорад ва бовараш бар он аст, ки ҳамаи балоҳои осмонию заминӣ дур хоҳанд шуд.

Сафар Абдуллоҳ ҳамчун шоир шеъри нағз мегӯяд. Ва ин чиз ба ӯ барои он муваффақ гардидааст, ки аз адабиёти гузашта ва кунунии форсии тоҷикӣ вуқуфи комил дошта, беҳтарин намунаҳои шеъри дунёро низ фаро гирифтааст. Вай ҳофизаи қавӣ дошта, соатҳо метавонад намунаҳои шеърро ба забонҳои форсии тоҷикӣ, русӣ, қазоқӣ ва ғайра қироат намояд. Саводи шоириаш дар истифодаи унсурҳои шеърӣ - навъҳои шеърии гуногун (ғазал, рубоиву дубайтӣ, қитъа, чаҳорпора, мусаддасу мухаммас, шеъри нав), қофияву радифу вазн (арӯз, арӯзи озод), санъатҳои бадеӣ ва маъниву тасвирофаринӣ баланд аст. Дар шеъри ӯ ҷой доштани ҳамоҳангиҳо бо маъниҳои шоиронаи Рӯдакиву Фирдавсӣ, Хайёму Бобо Тоҳир, Ҳофизу Саъдию Мавлоно, Муъмин Қаноату Лоиқу Бозор Собир, Нодири Нодирпуру Симини Беҳбаҳонӣ, Раҳии Муайярӣ ва дигарон бахрабардории огоҳона мебошад.

Ин нигоҳи шитобзадае ба шеъри Сафар Абдуллоҳ бармало сохт, ки ӯ на танҳо ноқид ва адабшиноси ростин ва эътирофшуда дар дохил ва хориҷи Тоҷикистон аст, балки шоири асил ҳам мебошад ва бидуни шак, дар таҳаввулу такомул ва рушди шеъри муосири тоҷикӣ саҳм хоҳад гузошт.

**Абдунабӣ САТТОРЗОДА,**
**профессор, Узви пайвастаи Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ**

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

PRESSA.TJ
СОМОНАИ НАШРИЯИ ТОҶИКИСТОН

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Дафтарчаи имтиҳонот ба номи Валиев Маҳмудҷон Комилҷонович, ки соли 2018 аз ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Самадова Саида Бахриевна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, гузаргоҳи 1 кӯчаи Ломоносов, хонаи 22, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А3615511, ба номи Мирзоалиева Файзия, ки санаи 16.03.2005 аз ПСМ Навобод, ОВД ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-ШТУ №0055852 ба номи Сафаров Мутавали Шералиевич, ки соли 2006 аз ҷониби МТМУ №17-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ бо суроғаи шаҳри Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Рӯдакӣ, хонаи 89, квартираи 13, ки аз тарафи КФББТ шаҳри Душанбе дода шудааст ва шартномаи хариду фурӯши квартира аз 12.04.2005 тахти феҳристи 1ш-282, ки аз ҷониби Идораи нотариалии н. И. Сомонӣ дода шудааст ва ба шаҳрванд Хабибов Абдулло Хабибович тааллуқ дорад, бинобар сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

► Замима ба дипломи ДТО №0135148, қайд №254, ба номи Носиршоева Наргис Маликеричевна, ки санаи 09.07.2008 аз ҷониби ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А7700725, ба номи Хусейнов Шоҳрух Саидмуродович, ки санаи 31.05.2013 аз ШВКД ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Замима ба дипломи №0002004, қайд №1847, ба номи Носиршоева Наргис Маликеричевна, ки санаи 31.03.2022 аз интернатура дар МДТ ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Патенти соҳибкори инфиродӣ ба номи Махмадулоев Сайфиддин Сафаралиевич, РМА: 335092223, РЯМ: 3330087906, беэътибор дониста шавад.

► Иқтибос ва шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ ба номи Ҳакимов Фирдавс Соҳибович, РЯМ: 0331411273, РМА: 037281038, ки санаи 20.09.2019 дар Нозироти андози ноҳияи Фирдавсӣ ба расмият даровarda шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ, воқеъ дар суроғаи ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Акбар Махсумов, ҳавлии №28 "а", ки ба Мирзоев Қурбоналӣ Зиёратович тааллуқ дорад, беэътибор дониста шавад.

► Аттестат ба номи Рустамзода Аҳтами Рустам, ки соли таҳсили 2009-2010 аз ҷониби муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44-и ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе бо силсилаи №Т-АТА №0330988 дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Хоҷазода 2020", РЯМ: 0710010336, РМА: 070017291, санаи таъсис 12.12.2019, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

## НИЁЗ ДОРЕМ

► Ба ронанда - экспедитор, менеҷер оид ба фурӯши нӯшокиҳо ниёз дорем, синни то 30-сола. Тел.: 900-013-013, 907-68-99-99

## ҶСП ТАҚХ "ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ"

дар асоси м. 37 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" соҳибони суратҳисобҳои бонкии зеринро оид ба бастани суратҳисоб ҳангоми дар давоми як моҳ баъди эълони огоҳиномаи мазкур аз худ дарак надоданатон огоҳ менамояд:

1. **Кооператив тиҷоратии "Мирзочули Точикон"**
2. **ЧДММ "Канон Холдинг"**
3. **СИ Абдуллоев Фозилчон**
4. **ЧДММ "Якубов Зафар"**
5. **ЧДММ "Евроазия 2013"**
6. **ЧДММ "Исмоил 11"**
7. **ЧДММ "ФАТХ-К"**
8. **ЧДММ "Шоим"**
9. **ЧДММ "Рента Кар Таджикистана"**
10. **Кооперативи истехсолии «Кучкина»**
11. **ЧДММ "Рахимӣ"**
12. **СИ Хабибов Улугбек Хамрокулович**
13. **СИ Комили Сабрина Мухаммадзода.**



ФУТБОЛ

# ПРЕЗИДЕНТИ ФФТ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ВАЗЪИ ФУТБОЛРО БАРРАСӢ КАРД

**3-юми феврал президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон Рустами Эмомалӣ дар шаҳри Душанбе бо раисони ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, роҳбарони як қатор вазорату идораҳои кишвар, раисони шаҳру ноҳияҳо, инчунин ҷомеаи футболи кишвар ҷаласа баргузор ва вазъи футболро баррасӣ кард.**



Президенти ФФТ дар оғози ҷаласа аз бозии хуби дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар Ҷоми Осиё-2023 дар Қатар ёд кард. Бозии хуби дастаи мунтахаби футзал дар Ҷоми Осиё-2024 дар Тайланд ва ширкат дар Ҷоми ҷаҳон-2024 низ зикр шуд.

Дар воҳӯрӣ бо аҳли ҷомеаи футбол гузоришҳои раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид, раиси вилояти Суғд Раҷаббой Аҳмадзода ва раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Алишер Мирзонабот шунида шуданд.

Дастур дода шуд, ки варзишгоҳи «Пахтакор»-и шаҳри Бохтар, «Исмоили Сомонӣ Арена»-и Ҷалолиддини Балхӣ, Варзишгоҳи марказии ноҳияи Фархор, варзишгоҳи «Спартак»-и шаҳри Хуҷанд, варзишгоҳҳои Истаравшан, Фархор ва Ҷалолиддини Балхӣ, Вахдат, Ҳисор, Турсунзода, варзишгоҳи «20-солагии Истиқлоли Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд бояд харҷи зудтар ба талабот ҷавобгӯ карда шаванд.

Ширкати «Барқи Тоҷик» муваззаф шуд, ки дар Ҳисор пойгоҳе барои бошгоҳи футболи «Барқчӣ» бунёд кунад, ки он ҷойгоҳи асосии тамрини бозигарони тими мунтахаби ҷавонон ва наврасони Тоҷикистон хоҳад буд.

Ба роҳбарияти Вазорати саноат ва технологияҳои нави Тоҷикистон супориш дода шуд, ки дар мувофиқа бо ФФТ дар яке аз шаҳру навоҳии ВМКБ Академияи футбол барои омода кардани бозигарони ҷавон бунёд кунад.

Ба масъулин дастур дода шуд, ки барои мизбонии бозиҳои Суперлигаи футзали Тоҷикистон маҷмааи варзишии «Далерон»-и шаҳри Истаравшан ва маҷмааи варзишии «Шоҳин»-и Гулистон омода карда шаванд. Илова бар ин, дар вилояти Хатлон бошгоҳҳои футзал таъсис дода шаванд.

Рустами Эмомалӣ ба тамоми бахшҳо дастур дод, ки рӯзи 25-уми майро дар саросари ҷумҳурӣ ҳамчун Рӯзи ҷаҳонии футбол дар сатҳи баланд таҷлил кунанд.

UFC

# МУҲАММАД НАИМОВ БО ПОЙИ ОСЕБДИДА БАР КООН ОФЛӢ ПИРӮЗ ШУД

**Дар мусобиқаи UFC Fight Night 250 дар шаҳри Риёз (Арабистони Саудӣ) варзишгари тоҷик Муҳаммад Наимов дар вазни сабук бар зидди Коон Офлии австралиягӣ пирӯз шуд.**



Қобили зикр аст, ки дар аввал ин мубориза бояд дар корти асосии мусобиқот сурат мегирифт, вале як рӯз пеш аз оғоз Муҳаммад Наимовро аз он ҷо хориҷ карда, ба марҳилаи пешакӣ гузарониданд. Ин размикори тоҷик дар мусобиқаи UFC бо се пирӯзии дилпур оғоз кард, вале баъдан аз дебютанти бразилиягӣ Фелипе Лима шикаст хӯрд. Рақиби Муҳаммад ин дафъа як австралиягие буд, ки аввалин набардашро дар UFC бо нокаут бохтааст.

Чунин ба назар мерасид, ки Офлӣ барои Наимов ҳарифи хеле осон хоҳад буд, аммо Коон тавонист ба ҳайрат орад ва рақобати ҷиддиеро намоиш диҳад. Фақат дар панҷ дақиқаи охири раунди аввал Муҳаммад бартарии бештар нишон дода, ҳарифашро ба нокдаун дучор кард. Дар раунди дуюм набард тақрибан баробар буд. Раунди охир Наимов қариб буд, ки ҳарифро бӯғӣ кунад, аммо Офлӣ дар сонияи охир тавонист раҳо ёбад. Дар рафти ин набард Наимов аз пояш осеб бардошт, аммо муборизаро идома дод.

Дар пайи се раунд Наимов бо қарори якдилонаи доварон (30-27, 30-27, 29-28) пирӯз шуд. Тибқи иттилои Sporty Salaries, Муҳаммад Наимов барои ин мубориза 81 ҳазор доллар (38 ҳазор доллар барои ширкат, 38 000 доллар барои ғалаба, 5 000 доллар бонуси сарпарастӣ) гирифтааст. Рақиби ӯ камтар аз 28 ҳазор доллар (24 ҳазор доллар барои ширкат ва 4 000 доллар аз сарпарастон) гирифт.

ҶУДО



# ШИРКАТИ 6 ПАҲЛАВОНИ ТОҶИК ДАР BAKU GRAND SLAM

**Аз 14 то 16-уми феврали соли 2025 дар кишвари Озарбойҷон мусобиқаи бонуфузи Baku Grand Slam баргузор мешавад, ки дар он 6 ҷудокори тоҷик ширкат хоҳанд кард.**

То имрӯз 284 варзишгар аз 40 кишвар барои ин мусобиқа ба қайд гирифта шудаанд. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Абубакр Шеров ва Муҳиддин Асадуллоев (ҳарду дар вазни то 73 кг), Беҳрӯзи Хоҷазода ва Сомон Махмадбеков (ҳарду дар вазни то 81 кг), Ҷаҳонгир Маҷидов ва Кароматулло Ҳакимов (ҳарду дар вазни то 100 кг) намояндагӣ мекунанд.

ФУТЗАЛ

# «СОРО КОМПАНИЯ» ПЕШСАФИРО АЗ ДАСТ НАМЕДИҲАД

**Дар бозии марказии даври 13-уми Суперлигаи Тоҷикистон оид ба футзал дастаҳои “Соро компания” ва “Истиқлол” ба ҳам омаданд. Вохӯрии дастаҳо дар маҷмааи варзишии “Кохи Олимп”-и шаҳри Душанбе доир шуда, бо ҳисоби 0:2 ба суди “Соро компания” анҷом ёфт.**



Голхоро аз ҳайати “Соро компания” ҳамлагари бразилӣ Ҳуго Алвес Кардоза дар дақиқаи 12-ум ва дарвозабон Нуриддин Ҷабборов дар дақиқаи 40-ум ба дарвозаи “Истиқлол” заданд. Бо ин пирӯзӣ бар рақиби асосӣ “Соро компания” дар пойгаи қаҳрамонӣ пешсафиро идома медиҳад. Ҳоло тими Пайрав Воҳидов бо 33 имтиёз пешгоми ҷадвали Суперлигаи Тоҷикистон оид ба футзал мебошад. “Истиқлол” бо 23 имтиёз дар зинаи сеюм аст.

Дар бозиҳои дигар «Истаравшан» бар «Амонатбонк» бо ҳисоби 7:3, «Сипар» бар «Пойтахт» бо ҳисоби 12:1 ва «Сомон» бар «Регар» бо ҳисоби 9:1 пирӯз шуданд.

РЕЗААХБОР



Ҷудокори озарӣ Ҳидоят Ҳайдаров расман аз рӯи фарзияи IJF беҳтарин ҷудокори ҷаҳон дар соли 2024 миёни мардон эътироф гардид. Ҳамчунин, ҷудокори канадагӣ Криста Дегучӣ аз рӯи ҳамин фарзия беҳтарин ҷудокори ҷаҳон миёни бонувон дониста шуд. IJF беҳтарин “Лаҳзаи сол”-ро пирӯзии ҷудокори ӯзбек Диёра Келдиёрова бар Ута Абеэи ҷопонӣ дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 эълон кард.

***

Дар Маҷмааи варзишии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чемпионати кушоди панкратиони Душанбе байни наврасон, ҷавонон ва калонсолон баргузор гардид. Ин мусобиқа ба муносибати 33-юмин солгарди Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардида, дар он наздики 500 варзишгар аз тамоми шаҳру ноҳияҳои кишвар ширкат варзиданд.

***

Аз 7-уми феврал то 14-уми марти соли 2025 дар Харбини Чин Бозиҳои зимистонии Осиё баргузор мешавад. Дар ин мусобиқа варзишгарони тоҷик Икромиддин Абдуллозода, Махмадраҷаб Холиқов, Саидашраф Эшонов ва Маъруфҷони Миралӣ аз рӯи намуди варзиши лижаронии кӯҳӣ иштирок мекунанд.

***

1 ва 2-юми феврали соли равон дар Париси Фаронса аввалин мусобиқаи сайри ҷаҳонии ҷудо дар соли 2025 “Paris Grand Slam 2025” баргузор шуд. Ба иттилои IJF, дар мусобиқаи “Paris Grand Slam 2025” 309 ҷудокор (172 мард, 137 зан) аз 53 кишвари 4 қораи ҷаҳон ширкат карданд. Варзишгарони тоҷик дар ин мусобиқаи бонуфуз ширкат накарданд.




### ОРДЕНУ МЕДАЛ

Писарбачае бари синаи мардеро пур аз ордену медал дида, бо тааҷҷуб аз падараш мепурсад:

- Дадаҷон, ин амак ин қадар ордену медалро аз куҷо гирифтааст?

- Аз ҷанг,- ҷавоб медиҳад падар.

- Шумо ҳам ҳар рӯз бо модарам ҷанг мекунед, чаро ягон орден надоред?,- мегӯяд писарча.

### ХӮРОКИ ЯКУМ

Марде аз рафиқаш мепурсад:

- Салмон, маъракаи дирӯза чӣ хел буд?

Салмон мегӯяд:

- Хӯроки якум набуд, хӯроки дуюм бошад, мисли хӯроки якум буд.

### ДУРОҲА

Нозири БДА бандагиро ба ҷо меорад. Дар гӯр барои ба дӯзах ё биҳишт равон карданаш фариштаҳои дасти чапу рост баҳс мекунанд.

- Ӯ одами бад буд, ҳама умр пора мегирифт, арақ мехӯрд..., ба дӯзах!,-мегӯяд фариштаи дасти чап.

- Не, ӯ одами нағз буд. Одамонро аз хатар раҳо мекард, ба ҳама ёрӣ медод. Ӯро ба биҳишт!,- мегӯяд фариштаи дасти рост.

Ин дам худи нозир мегӯяд:

- Бачаҳо, шумо баҳс накунед..., маро дар дуроҳа гузоред!

### БЕДОР

Марде дар хобаш пайваста гап мезад. Ниҳоят тоқати занаш тоқ шуду пурсид:

- Мардак, барои чӣ ҳамеша дар хобатон гап мезанед?

Мард мегӯяд:

- Бигзор дузд гумон кунад, ки мо бедор ҳастем!

### ИМТИЁЗ

Сайёҳе бо мақсади дар меҳмонхона истодан, аз хӯҷаини он мепурсад:

- Нархи як хуҷраи якнафара чанд аст?

- Чил доллар.

- Адибон имтиёз доранд?

- Бале, иҷорапулиро аз онҳо пешакӣ мегирем,- посух медиҳад хӯҷаин.

### БЕМОР

- Чаро дирӯз дар дарс набудӣ?,- мепурсад устод аз талаба.

- Бемор будам,- ҷавоб медиҳад талаба.

- О ман туро савори дучарха дидам ку!,- хитоб мекунад устод.

- Барои овардани духтур рафта будам,- посух медиҳад талаба.

### МАЙМУН

Талаба аз муаллим суол мекунад:

- Устод, бобои ман мегӯяд, ки мо аз маймун пайдо шудаем, магар ин рост аст?

Муаллим мегӯяд:

- Мо ба корҳои оилавии шумо дахолат намекунем.

### СОҲИБИ ПУЛ

Сармоягузоре аз ёвараш мепурсад:

- Магар тамоми пулҳои ман гум шуданд?

- Чаро гум шуданд? Онҳо соҳибашонро иваз карданд,- ҷавоб медиҳад ёвар.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## НОМАИ ОШИҚОНА

Шахсе нома ба маҳбубаи хеш бинвишт ва ҳарчанд шикастатабъу кундфаҳм буд, бисёр-бисёр мехост, ки ин нома муассир бошаду ҳадафгир. Аз ин рӯ, онро такрор батакрор таҳрир кард ва ниҳоят ба як дӯсти наздикаш бихонду маслиҳат баҳри такмилаш бипурсид. Дӯсташ посух дод, ки нома бисёр хуб нигошта шуда, вале дар он баҳри боз ҳам ҷаззобтар шуданаш истифода аз зарбулмасалу мақоли мувофиқ бояд кард. Ин маслиҳат ҷавонро басо хуш омад ва бар ин замина номаро аз нав ба риштаи таҳрир кашид, ки билохира чунин шакл гирифт:

«Салом, дилбари ширину нозанини ман! Чун даъвати самимии маро напазируфтиву наздам наомадӣ, худ хостам назди ту равам, зеро «ё хара пеши бор ё бора пеши хар» гуфтаанд. Вале бо сабабҳое рафта натавонистам ва акнун ин номаро мефиристам. Агар нуктае аз он ба табъи нозукат мувофиқ наояд, ё сабабгори озурдагият гардад, умедворам, ки устуворӣ ва сабурӣ мекунӣ, зеро фармудаанд: «Лагади харро хар мебардорад».

Росташро гӯям, дар ин миён баъзе нотавонбинон туро ба ман хеле бад гуфтанд, «аз пода пеш ҷанг макун», «рӯбоҳа нагирифта, пӯстин надузд» гуфтанд ва таъкид карданд, ки бо ӯ ҳамхона нашав. Лекин ман ҷавобашон додам, ки не, аз «оғили холия гови шохзан беҳ», хонаамро бо ҳастии ӯ пуру пурнур хоҳам кард.

Ман туро хеле ва хеле дӯст медорам, азизам! Таклифи маро лутфан қабул намову бо ман ҳамхона шав. Ин барои ту ҳам хуб хоҳад буд, зеро мардум беҳуда нафармудаанд, ки «курбоққа шӯ дорад, обрӯ дорад». Ҳикматест оличаноб, ки «шутур калон, яғираш ҳам калон». Ман медонам, ки ту аз ошёнаи баландӣ ва харочоти калон меҳоҳӣ, аммо ман ба ҳамааш омодаам. Бидон, ки «хонаи гург бе устухон нест», азизам!

Умедворам, ки таклифи маро рад намекунӣ ва ман низ бо афсӯс намегӯям, ки «корам ба кал афтод, кал ҳам ба ноз афтод». Дар воқеъ, аз синну солам бепарво бош, ҳамааш хуб мешавад, охир «зани чавону шӯи пир, сабад мону чӯча гир» гуфтаанд-ку, ҷонакам!

Хоҳиши он дорам, ки ба ин номаи мухтасари ман ҷавобе мувофиқ бидиҳӣ ва маро сарафроз намоӣ. Бо ҳамин умед номаамро хотима мебахшам ва алхол «аз хирс мӯе» гӯён, бо як бӯсаи ҳавоӣ аз ту қаноат мекунам.

Саломат бош, азизам!".

**Абдурауф МУРОДӢ**

### Сканворд

